**РАЪНОИ МУБОРИЗ**

# МУСОҲИБИ ОФТОБ



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-49

Муҳаррир *Сайидал Маъмур*

М-49 **Раънои Мубориз. Мусоҳиби офтоб** (маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2010, 112 саҳ.

«Мусоҳиби офтоб» чорумин маҷмӯаи ашъори шоираи тоҷик Раънои Мубориз аст. Китобҳои пештар чопшудаи шоира бо номҳои «Гаҳвораи сангин», «Навои найсон» ва «Садбарги кӯҳӣ» дар дасти ҳаводорони каломи мавзунанд. «Мусоҳиби офтоб» бо нафаси нафистару диди рӯшантаре иншо шуда. Бовар дорем, ки нури ниҳонии ин таронаҳои офтобӣ ба дилу манзилҳо ҳарорат мебахшад.

ISBN 978-99947-64-91-4

© Раънои Мубориз, 2010

# ШАБИ ХУРШЕДӢ

## ТАМАННОИ ШОИРОНА

*(Ба хонандаи ин ашъор)*

Чаман-чаман гулаки ёсамин фидои ту бод,
Ватан-ватан санами нозанин фидои ту бод.
Бимон аз они ту бодо, ҳар ончи хушрӯ аст,
Даҳан-даҳан сухани хуштарин фидои ту бод.
Ҳарими сабз бибодат ҳамеша пойандоз,
Хутан-Хутан нафаси анбарин фидои ту бод.
Ба ҷуз таноби муҳаббат мабин таноби дигар,
Яман-Яман парии маҳҷабин фидои ту бод.
Худо кунад, ки расад умри ту ба ҷовидон,
Даман-даман ғазали хуштанин фидои ту бод.
Ба аҳли байтат, илоҳо, ки офате нарасад,
Заман-заман назари некбин фидои ту бод.
Ҳамора бош саропо пури ҳузуру сурур,
Чакан-чакан тани нозофарин фидои ту бод.
Мубо∙ризи раҳи ишқам, бимон ба раъноӣ
Чу ман-чу ман каси зӯру матин фидои ту бод!

*марти 2006*

## ЧАКОМАИ ВАҲДАТ

*(Ба ифтихори солгарди ҷашни Ваҳдати миллӣ)*

Имрӯз замона меҳрубон гардида,
Дунёи куҳан магар ҷавон гардида?
Имрӯз муҳаббат аст султони ҷаҳон,
Хуршед ба моҳ ҳамқирон гардида.

Имрӯз ҳумои бахт бо ҳукми Худо
Чатре ба самои тоҷикон гардида.
Имрӯз зи мулки ғайб бар кишвари мо
Сад рӯҳи бузург меҳмон гардида.
Ин кишвари ориёии ҷамшедӣ
Саршор зи мавҷи Мӯлиён гардида.
Рахш омаду Рустами Таҳамтан овард,
Сӯҳроб сӯи падар равон гардида.
Бишнохт писар падар, падар фарзандаш,
Бадхоҳ ҳақиру нотавон гардида.
Ваҳдат овард чун ҳумойи қудсӣ,
Ваҳдатозин саройи ҷон гардида.
Меросбари асили Оли Сомон
Эҳёгари аҳди бостон гардида.
Дигар ту бубин, ки Тоҷикистон имрӯз
Ваҳдаткадае биҳиштсон гардида.
Заҳҳок фано шуду фано Аҳриман,
Дар арш Зуҳал зи ғам хазон гардида.
Бар ваҳдати мо, бимон, ки чашме нарасад,
К-он зеби замину осмон гардида.
Бишнохт писар падар, падар фарзандаш,
Ин даҳр ба коми Достон гардида.
Дар ҳифзи чунин шинохт шуғнидухтар
Раънои муборизи замон гардида.

*июни 2006*

## ВАТАН, ВАТАН

Фазои орзуи нотамоми ман, Ватан, Ватан,
Сарои гуфтугӯи бардавоми ман, Ватан, Ватан,
Самои ҷустуҷӯи субҳу шоми ман, Ватан, Ватан,

Ҳавои мушкбӯи дар машоми ман, Ватан, Ватан.
Намозгоҳи сабзи ҷовидони ман туӣ, туӣ,
Баёзгоҳи сабзи достони ман туӣ, туӣ,
Ниёзгоҳи сабзи ормони ман туӣ, туӣ,
Навозгоҳи сабзи ҷисму ҷони ман туӣ, туӣ.

Ту мубтадои оламӣ барои ман, барои ман,
Ту мустафои марҳамӣ барои ман, барои ман,
Ту муттакои ҳардамӣ барои ман, барои ман,
Ту мунтаҳои хуррамӣ барои ман, барои ман.

Чаман-чаман навои ман фидои ту, фидои ту,
Хутан-Хутан сафои ман фидои ту, фидои ту,
Даман-даман садои ман фидои ту, фидои ту,
Чакан-чакан ҳавои ман фидои ту, фидои ту!
*феврали 2006*

## БА ҲАМЗАБОН

Эй ҳамзамон, эй ҳамзабон, рӯзи хушат фархунда бод,
Эй ворисి озодагон, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй як нишон аз дурҳо, аз мулки нуру ҳурҳо,
Эй насли неки ориён, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй ҳамхудову ҳамрасул, эй ҳамсадову ҳамусул,
Эй бо Авасто ҷовидон, рӯзи хушат фархунда бод.
Поянда бо Зардушти худ, поянда бо сад пушти худ,

Сомонии пуршаъну шон, рӯзи хушат фархунда бод.
Насли Каюмарсу Курӯш, эй аз нажоди Дориюш,
Эй Ардашери Бобакон, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй Хусрави Парвизи ман, эй Рустами рӯинатан,
Эй Ҳурмузу Нӯширавон, рӯзи хушат фархунда бод.
Эй чашми бози Рӯдакӣ, эй чангу сози Рӯдакӣ,
Эй чун Бухоро роздон, рӯзи хушат фархунда бод.
Бо «Маснавии маънавӣ» олам ба олам мезанӣ,
Эй орифи шаҳномахон, рӯзи хушат фархунда бод.
Қонуни Синоям туӣ, имрӯзу фардоям туӣ,
Эй хаста аз ину аз он, рӯзи хушат фархунда бод.
Чун Носири Хусрав биё, аз нав биё, аз нав биё,
Эй Айние аз Ғиждувон, рӯзи хушат фархунда бод.
Сарсабз шуд иқболи мо, сарсабз истиқлоли мо,
Эй ҳамдилу ҳамормон, рӯзи хушат фархунда бод.
Дар рӯзи нав, эй меҳрубон, Раъно ба лаҳни булбулон
Бо меҳр гӯяд ҷони ҷон, рӯзи хушат фархунда бод!

*июли 2007*

## ТОҶИКИСТОН, ВАТАНАМ

Тоҷикистон, Ватанам, боғу баҳору чаманам,

Мулки хуршедии ман, кишвари гулпираҳанам.
Бишкуфӣ ҳар нафасе тозаву сабз андар сабз,
Бишкуфад васфи ту оҳанги нафису суханам.

Шодрӯзони накӯи ту фаровон бодо,
Чор фаслат ҳама гулбезу гулафшон бодо.
Сабзу обод Душанбеву Бадахшону Ҳисор,
Суғду Хатлону ҳама водии Раштон бодо.

Рӯзи имрӯзи саиди ту муборак бошад,
Субҳи саршори навиди ту муборак бошад.
Хуш шукуфон шудаӣ, бош шукуфон доим,
Эй Ватан, шодиву иди ту муборак бошад!

*июли 2002*

## ПОЯНДА БИМОН!

*(Эҳдо ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон)*

Раҳмон сифати поки Худованди карим аст,
Эмом имом асту Алӣ ёри Паямбар.
Эй подшаҳи кишвари хуршедии тоҷик,
Ин гуна туро номи накӯ гашта муяссар.
Оре, ки чунин ному насаб фоли накӯест,
Яъне ки худододаиву аз ҳама бартар.
Ҳурмузднамудиву саропо ҳама ҷудӣ,
Нуронии бо чеҳраи хуштарҳи мунаввар.
Дунё зи накӯсуратиат монда ба ҳайрат,
Сомонии хушпайкариву фарди хирадгар.
Хушҳарфтарӣ аз ҳама ёрони сухангӯй,
Мағлуб шавад пеши ту ҳар марди суханвар.

Аз насли Каюмарсу Курӯшиву Ҳушангӣ,
Аз Ҳурмузу Парвизу зи Ҷамшеди музаффар.
Эй Нӯширавон, ҳадяи Эзад ба ҷаҳонӣ,
Обод кунӣ кишвари гардида муҳаққар.
Яздон зи ту шод асту набӣ шоду имомон,
Зеро ки халоиқ зи ту шод аст саросар.
Раънои Мубориз зи раҳи меҳр бигӯяд:
Поянда бимон, шоҳи назаркардаи кишвар!

*феврали 2007*

## НУРИ ВАҲДАТ

Ҷамоат зӯр шуд аз нури ваҳдат,
Балоҳо дур шуд аз нури ваҳдат.
Замона пур шуд аз оҳанги тавҳид,
Садоҳо ҷӯр шуд аз нури ваҳдат.
Тамоми ҳамхудоён бо ҳам омад,
Риёҳо ур шуд аз нури ваҳдат.
Ба кулли аҳриманкории дунё
Фалак мансур шуд аз нури ваҳдат.
Замин шуд сабз аз гармии дидор,
Само пурнур шуд аз нури ваҳдат.
Шабони тор рафта боз аз нав
Саҳар манзур шуд аз нури ваҳдат.
Фидои номи ваҳдат, ай азизон,
Ҷаҳон пурсур шуд аз нури ваҳдат.

*майи 2007*

## ТУ БАЙЪАТ КАРДАӢ БО ҲАҚ

Ту байъат кардаӣ бо Ҳақ, ту, эй дарёвуҷуди ман,
Ту, эй дунёи покиҳо, ту, эй дунёи ҷуди ман.
Фидои ту, фидои ту мубориузҳои ҳар давре,
Фидои ту ду чашми осмонии кабуди ман.
Зи ту ирфон биомӯзам, ки ёбам савти ризвонӣ,
Ки то ваҳдонияит резад ба кулли тору пуди ман.
Сафобахшӣ, навобахшӣ, фазобахшӣ, ҳавобахшӣ,
Ту, эй маҷмӯи тору чангу ною созу уди ман.
Ба мислат гар дар ин олам нафарҳо бештар мебуд,
Масоҳат беш мегардид бар шеъру суруди ман.
Аҷоиб мавҷ мезад, мавҷ савти сабзи раъноӣ,
Аҷоиб акс меандохт овози дуруди ман.
Биё дар базми раббонӣ, ба шавқу завқи ирфонӣ,
Пазир ин ҳарфи меҳрамро, ту, эй ҳурмузнамуди ман.
Ту байъат кардаӣ бо Ҳақ, ту, эй дарёвуҷуди ман,
Фидои ту, фидои ту ду чашмони кабуди ман!

*феврали 2007*

## ГУЛИ НУР

Шоҳи шоҳону ялонӣ, хуршед,
Ҷомаи камбағалонӣ, хуршед.
Аҳли сидқиву сафоиву сахо,
Аз сафи бебадалонӣ, хуршед.
Банди корӣ ҳама, бе рухсатие,
Ҳамраҳи пурҷадалонӣ, хуршед.

Хонаи ту ба Худо наздик аст.
Хеши доимамалонӣ, хуршед.
Мефиристӣ гули нурам ҳаррӯз,
Маҳви зебоғазалонӣ, хуршед?
Эй чаро ишқ зи дурӣ варзӣ?
Бастаи ҳаммаҳалонӣ, хуршед?
Бо ту пайваст шудан мехоҳам,
З-он ки аз бехалалонӣ, хуршед.
Шоҳи шоҳону ялонӣ, хуршед,
Аз сафи бебадалонӣ, хуршед.

*марти 2009*

## НАСИҲАТИ НАВ

Лаб аз фасона тиҳӣ созу рӯ ба саҳро кун,
Бас аст суфтану гуфтан, баро, тамошо кун.
Чиҳил баҳор гузашту чиҳил зимистон рафт,
Биё, давоми чиҳил солро гуворо кун.
Бирав ба «Хаймаи Хайём» зиндагӣ ин аст,
Намозу рӯза бимону тавофи мино кун.
Кӣ аҳсанат бифиристад, ки ин қадар гуфтӣ?
Биё, бимон ҳама гуфтору сайди дилҳо кун.
Чу каҷраве ҳама бологузар шуду раҳбар,
Ту покбоз намон, хатту хол барпо кун.
Надидаӣ, ки касе гуфт лоақал боре,
Ки рӯ ба сӯи ғазалҳои сабзи Раъно кун.
Бигард аз раҳи эҷод, к-охираш дур аст,
Раҳи навини қарибе ба хеш пайдо кун.
Бас аст гуфтани ҳеҷат, бас аст, эй духтар,
Лаб аз фасона бибанду ба гуфтаи мо кун!

*июли 2006*

## МОДАР

Сарчашмаи хосу ом модар, модар,
Сарматлаи бардавом модар, модар.
Сарбайти қасидаи самои саҳарӣ,
Сарманшаи ҷузъу том модар, модар.
Ҷуз зоти Худо дигар ҳама насли туянд,
Пайғамбару ҳам имом, модар, модар.
Эй домани сабзи ту мусаллои башар,
Эй ҳастии бонизом, модар, модар.
Баҳри талаби тани сиҳат бар тифлат
Ҳастӣ ҳама дар сиём модар, модар.
Чашмони ту сафҳаҳои Қуръони шариф,
Эй лоиқи эҳтиром, модар, модар.
Бо боли тарона мефиристам бар ту
Ҳар субҳи Худо салом модар, модар.
То хаста насозамат, бас акнун, аммо
Шеърам нашавад тамом, модар, модар.
*феврали 2007*

## ЭЙ СУБҲВУҶУДИ МАН

*(Барои духтари зебоям Нилуфар)*

Эй субҳвуҷуди ман, саҳар омадааст,
Эй авҷи суруди ман, саҳар омадааст.
Бархез, ба рӯи шамс оғӯш кушо,
Хуршеднамуди ман, саҳар омадааст.
Сарчашмаи ту зи чашмаи кӯҳи баланд,
Эй соф чу рӯди ман, саҳар омадааст.
Эй ганҷи хуш аз бисоти ганҷинаи дил,
Эй шоҳиди ҷуди ман, саҳар омадааст.
Ҳар гаҳ ки равам, зи баъди ман бар фардо,
Эй ноқили буди ман, саҳар омадааст.

Оре, оре, барои ояндаи дур
Пайғому дуруди ман, саҳар омадааст.
Нилуфари навраси баҳорандомам,
Эй чашмкабуди ман, саҳар омадааст.
Бархез, ба рӯи шамс оғӯш кушо,
Эй субҳвуҷуди ман, саҳар омадааст.

*феврали 2007*

## ТОҶДОРОНЕМ

Мову ту соҳиби истиқлолем,
Насли Сомонии шоҳинболем.
Сарбаландему накӯиқболем,
Чун алиф мо, на ба мисли долем.

Гар ту аз Рашт ва ё Помирӣ,
Ё ки аз Суғдиву ботадбирӣ,
Ё ки хатлонии оламгирӣ,
Ё душанбегии ботафсирӣ.

Ориё манзили мо, маскани мо,
Ориёии ҷаҳон ҳамтани мо,
Покии зотии мо ҷавшани мо,
Сабзу сабзанда бувад Майҳани мо!

Ваҳдатобод шавад мулки Худо,
Гар ту аз ман нашавӣ ҳеҷ ҷудо,
Эй, биё, бо ту равам пои ба по,
Ман дигар ҳарф бигӯям зи вафо.

Мову ту хушдилу хушиқболем,

Тоҷдорони ҳумоюнфолем.
Бо ҳамему ба чӣ хуш аҳволем,
Мо зи бахти хуши худ меболем.

*июли 2006*

## ВАҲДАТНАСАБАМ

Ҳамвазни калимаи саодат, ваҳдат,
Тавҳиду нубуввату имомат, ваҳдат.
Сарчашмаи зиндагии пурҷӯшу хурӯш,
Сарматлаи хубию асолат, ваҳдат.

Ваҳдат, ваҳдат, ту вожаи Яздонӣ,
Пурнуртарин калимаи Қуръонӣ.
Пуршӯртарин чакомаи ин дунё,
Пурзӯртарин диёнати инсонӣ.

Ман як гулаке зи аҳли шеъру адабам,
Савганд ба номи ту, ки ваҳдатнасабам.
Аз даргаҳи поки он Худованди карим
Ҳамвора туро, туро, туро дар талабам!

*феврали 2007*

## ШИКВА

Имсол маро ту хор кардӣ? Кардӣ,
Рӯ сӯи дигар диёр кардӣ? Кардӣ.
Ҳарфи рухи ман зи ёд бурдӣ? Бурдӣ,
Бегонасифат фирор кардӣ? Кардӣ.
Гуфтӣ, ки ба ишқи хеш содиқ ҳастам,
Хуш нағмаи пойдор кардӣ? Кардӣ.

Ҳамиллату ҳамхудову ҳамдини азиз,
Андешаи панҷу чор кардӣ? Кардӣ.
Дар вақти намози субҳ будам, рафтӣ,
Эй рафта маро фигор кардӣ? Кардӣ.
Бо ҳукми Худо мухолифӣ варзидӣ,
Дар фасли наво шикор кардӣ? Кардӣ.
Ҳамқисмати бовафои худро охир
Бо ҳоли фано дучор кардӣ? Кардӣ.
Ман то Рамазон умеди худ барнаканам,
Ё рафтани устувор кардӣ? Кардӣ!
Бо рафтани худ вале мани дилшударо
Як шоири номдор кардӣ? Кардӣ!

*феврали 2007*

## ЭЙ ЗИНДАГӢ

Эй зиндагӣ, ту рӯи маро зард кардаӣ,
Бо ҳар касе нигоҳи маро сард кардаӣ.
Зан ҳастаму ҳимояти ман кори мардҳост,
Аз беҳимоятӣ ту маро мард кардаӣ.
Дилбар манам, асолати ман дилбарӣ бувад,
Пинҳон, валек ҳусн ту бо гард кардаӣ.
Помол карда нанги кӯҳистонии маро,
Мӯҳтоҷи хону хонаи бедард кардаӣ.
Кай дидаӣ ту лӯъбатакеро муборизе,
Ноҳақ маро ба хеш ҳамоворд кардаӣ.
Эй зиндагӣ, ту рӯи маро зард кардаӣ,
Аз беҳимоятӣ ту маро мард кардаӣ!

*феврали 2009*

## ҲАДЯ

Эй субҳрӯ, ба зулмати ман нур ҳадя кун,
Бар шоми бесабоҳати ман нур ҳадя кун.
Умрам ба чил расид, вале кӯдакам ҳанӯз,
Бар ҳарфи беиҷозати ман нур ҳадя кун.
Торик роҳу ҷодаи тақдир нонамост,
Бар ваҳшату ба даҳшати ман нур ҳадя кун.
То барфрези баҳмани умрам адо шавад,
Чун шамс бар залолати ман нур ҳадя кун.
Бо чилчароғи чашм фурӯзанда кун дилам,
Бар қалби бемуҳаббати ман нур ҳадя кун.
Берангубӯст зиндагии бефурӯғи ман,
Бар инчунин ҷаҳолати ман нур ҳадя кун.
Кадбонуи танӯри сухан хостам шудан,
Бар нори беназокати ман нур ҳадя кун.
Эй субҳрӯ, зи Ғарби чароғони худ биё,
Бар Шарқи беҳарорати ман нур ҳадя кун.

*феврали 2009*

## ҲАМНИШИНИ ДАР НИҚОБ

Эй офтоб, хандаи ту бардавом бод,
Шамшери абр кунд ва ё дар ниём бод.
Эй моҳтоб- хоҳари қаҳрии офтоб,
Афсонаҳои тӯҳмати ноҳақ ҳаром бод.
Эй ғарқи хоб тифлаки гулбӯи нозанин,
Анфоси дилнавози хушат бонизом бод.
Эй ҳамчу об софу булӯрину мавҷзан,
Духти ҳубоб, мавҷи танат якмаром бод.
Эй дар ҳиҷоб хоҳари ҳаҷрафтаам, биё,
Ҳаҷҷат қабулу нуру зиёат ба ком бод.
Эй дар ниқоб ҳамнафасу ҳамнишини ман,

Иблисхислатии ту маҳву тамом бод.
Эй ёрбоб, қасди шикори ту кардаам,
Аз номи ман бари туи хушрӯ салом бод.
Эй беҷавоб хоҳиши як шоири асил,
Дар мавҷ-мавҷи ҳарфи ту нури паём бод.
Эй духтари базеби Ватан, эй парии шеър,
Раънои ноб, ёри ту доим калом бод!

*феврали 2009*

## ХЕШИ ҶАҲОНГИРАМ

Эй офтоб, хеши ҷаҳонгирам,
Ҳамзоди кабки кӯҳаму нахчирам,
Ёдам намеравад, ки ба тифлиям
Сар мезадӣ зи қуллаи Помирам.
Ҳамсояи қарини ту будам ман,
Ин сӯ фиканд қисмату тақдирам.
Дар шаҳри н-ошно надорам кас,
Ин ҷо ғарибу хаставу дилгирам.
Ҳар субҳ интизори ту астам ман,
Эй беҳтарин мухотаби тасвирам.
Дар хеш метапам чӣ заифона,
Гӯё қанотбаста ба занҷирам.
Пуште надорам ин тарафи дунё,
Пушту паноҳи ман бишав, эй пирам.

Бегонаам ба ҷамъи переши шаҳр,
Зеро на огаҳанд зи тафсирам.
Дар мулки бекарона намеғунҷам,
Ман, ин мане, ки майдатар аз тирам.
Эй офтоб, чораву тадбирӣ,
Пуштам бишав чу хеши ҷаҳонгирам.

*феврали 2009*

## МУСОҲИБА БО ОФТОБ

Ман аз мусоҳиба бо офтоб фаҳмидам,
Ки улвиён ҳама бо хокиён хешонанд.
Ки улвиён ҳама бо мо қарину пайвananд,
Сахт дилбанданд,
Чу мому фарзанданд.

Ва низ фаҳмидам,
Ки офтоб зи меҳру шарори инсонӣ,
Чу баҳравар гардад,
Бануртар ва муҷаллову гармтар гардад.

Пас, эй ҳама мардум,
Зи баъди сӯҳбати мо,
Қаринтар бишавед,
Пур аз шарар бишавед.
Азизу ҳамдаму ҳомӣ,
Ба ҳамдигар бишавед,
Ба ҳамдигар бишавед!

*июли 2004*

# ЗАНГИ БОРОН

## ПИР, МУРИДАТ МАНАМ

*(Ба ёди поки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ)*

Боз зи нав ассалом, боз салом-ун-алайк,
Эй ҳамагӣ эҳтиром, боз салом-ун-алайк.
Эй ҳамагӣ қилу қол, эй ҳамагӣ завқу ҳол,
Эй ҳамагӣ бардавом, боз салом-ун-алайк.
Вахшии Балхии ман, Балхии Румии ман,
Румии гардунмақом, боз салом-ун-алайк.
«Маснавии маънавӣ» рукни низоми ман аст,
Эй ҳама назму низом, боз салом-ун-алайк.
Ишқи ҷаҳонгир ту, пири батадбир ту,
Ошиқи хуршедфом, боз салом-ун-алайк.
Кошифи асрор ту, ёр туӣ, ёр ту,
Дар ду ҷаҳони тамом, боз салом-ун-алайк.
Мастии каломи туям, ошиқи номи туям,
Эй ҳамагӣ ному ном, боз салом-ун-алайк.
Исми туро гӯяму ком кунам шаҳдбор,
Шамъи шаби хосу ом, боз салом-ун-алайк.
Пир, муридат манам, насли ҷадидат манам,
Мешунавӣ ин паём? Боз салом-ун-алайк.
Духти мубориз манам, ишқмуҳофиз манам,
Аз мани Раънои хом боз салом-ун-алайк.
Эй ҳамагӣ зулҷалол, эй ҳамагӣ завқу ҳол,
Мавлавии хушкалом, боз салом-ун-алайк.

*майи 2007*

## НУРИ НИҲОН

Ё Мавлоно, агарчӣ як инсонӣ,
Як нусхаи осмонии Қуръонӣ,
Тавротиву ҳам Забуриву ҳам Инҷил,
Оре, ки яке ҷаҳони бепоёнӣ.
Парвардаи нӯҳ фалак малоик ҳастӣ,
Гар Балхиӣ ё зи Рум ё Вахшонӣ.
Маҳбуби ҷаҳони зоҳириву ботин,
Маъшуқи аёниӣ, вале пинҳонӣ.
Илқогари ваҳдати тамоми мардум,
Тафсиргари ҷаҳони ҷисму ҷонӣ.
Эй сӯфии орифи тасаввуфандом,
Эй марди Худо, инояти кайҳонӣ.
«Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад», гуфтӣ,
Пирӯзтарин намунаи ирфонӣ.
«Паркандагӣ аз нифоқ хезад», гуфтӣ,
Дилсӯзтарин вуҷуди пуртуғёнӣ.
Тавҳид шиори хеш кардӣ ҷовид,
З-ин рӯ, ба ҷаҳон ту ҷовидонӣ монӣ.
Раънои Мубориз аз ҳарорат гӯяд:
Ё пири сухан, чаро чунин тобонӣ?
Маҳбуби ҷаҳони зоҳиру пинҳонӣ,
Оре, ки яке ҷаҳони бепоёнӣ.

*майи 2007*

## РАҚСИ САМОЪ

Ёр биё, ёр, садо мекунем,
Рақси хуше баъди сало мекунем.
Рақси тану ақл бапо мекунем,
Рақскунон шӯру нидо мекунем.
Бо кулаҳу ҷомаи сабзат биё,
Яшт бихон, базми сабо мекунем.

Нағмаи най мешунавӣ, баъди он
Нағмаи танбӯри ниё мекунем.
Куртасафедам, ту биё, чарх зан,
Дастфишон шӯру наво мекунем.
Базми фалакҳост чу рақси самоъ,
Мисли фалак ҳодисаҳо мекунем.
Ҷомаи дарвешӣ пӯшу биё,
Шайх шаву аҳди вафо мекунем.
Зовия барпо бинамо, ай азиз,
Зовияро ишқсаро мекунем.
Ҷумла азизон ҳамагӣ омаданд,
«Маснавии маънавӣ» во мекунем.
Ёд кунам, ёд зи Мавлои Рум,
Ёдкунон шукри Худо мекунем.
Ёр, биё, ёр, сахо мекунем,
Рақси хуше баъди сало мекунем.

*майи 2007*

## МУАММО ДОРАД

Ишқи зебои аҷиби ту муаммо дорад,
Олами дуру қариби ту муаммо дорад.
Меҳри ирфонии волои ҷаҳонафрӯзат,
Пири тадбиру табиби ту муаммо дорад.
Оташ афрӯхта дар хирмани андешаи ман,
Шӯълаи нори наҷиби ту муаммо дорад.
Хуш сало гӯиву хуш ҳарф зи тавҳиду салом,
Ҳастии поки хатиби ту муаммо дорад.
Хасми ҷонии мананд он ҳама ноёронат,
Ҷумла ағёру рақиби ту муаммо дорад.
Ною ҳам рақси самои ту хушам меояд,
Воизиҳои лабиби ту муаммо дорад.

Шамси Табрез ба пинҳону ба пайдои аҷаб,
Ёри олии насиби ту муаммо дорад.
Мавлавӣ гӯяму аз ишқ саропо сӯзам,
Ҳарфи Раънои ҳабиби ту муаммо дорад.

*майи 2007*

## БЕ ТУ ФАНО ШАВАМ, ФАНО

Бе дигарон зиҳам, вале бе ту фано шавам, фано,
Шеъри ту нӯши ҷон кунам, варна адо шавам, адо.
Сабзаи гӯри ман чаман буд, агар намебудӣ,
Оби ҳаёти ман туӣ, бе ту чиҳо шавам, чиҳо.
Ғайрату ҷӯши ман туӣ, раъду сурӯши ман туӣ,
Ақлхурӯши ман туӣ, бе ту дуто шавам, дуто.
Бо ту яке мубориза, бодияро муҳофизам,
Зӯр манам, на оҷизам, бе ту фидо шавам, фидо.
Бо ту чу Зӯҳраи фалак нағмаи нав ба нав кунам,
Ҷойгаҳам само бувад, бе ту саро шавам, саро.
Қиблаи рози ман туӣ, такяи нози ман туӣ,
Бурҷи ниёзи ман туӣ, бе ту қазо шавам, қазо.
Бе ту агар чунин набуд, мулки Худо ҳазин набуд,
Ҷону дилам ғамин набуд, бе ту хало шавам, хало.
Пирию ман муриди ту, дилшудаи ҷадиди ту,
Ошиқи наврасиди ту, бе ту нидо шавам, нидо.
Сабзаи гӯри ман чаман буд, агар намебудӣ,
Оҳ, азиз Мавлавӣ, бе ту чиҳо шавам, чиҳо?!

*майи 2007*

## ҒАЙР АЗ ҚАМАР МАГӮ ҲЕҶ

Эй дил, дигар магӯ ҳеҷ, шому саҳар магӯ ҳеҷ,
Беҳуда гуфтаҳоят, беҳудатар магӯ ҳеҷ.
Аз илми шеър гуфтан, ҷонам, хабар надорӣ,
Шӯру шарар надорӣ, пас бехабар магӯ ҳеҷ.
Гар шеър гуфтаниӣ, баргӯй мавлавивор,
Гар ҳамчу ӯ нагӯӣ, пас барҳадар магӯ ҳеҷ.
Назму низом дорад дунёи шоириҳо,
Гар ғофили низомӣ, зеру забар магӯ ҳеҷ.
Бо ҳеҷи гуфтаи худ то ҳеҷ ҷо расӣ ту,
Раҳ сӯи қалб дур аст, аз ин сафар магӯ ҳеҷ.
Дунёи шоириҳо баҳри ҳунарварон аст,
Бо аҳли шеърдонон ҷуз шеъри тар магӯ ҳеҷ.
Ин рӯҳи Шамси Табрез н-осуда шуд зи ҳарфат,
Осуданӣ нагӯӣ, ҳарфи зарар магӯ ҳеҷ.
Гӯӣ муриди Шамсам, лекин муриди нодон,
Бо Шамси оламоро ғайр аз қамар магӯ ҳеҷ!

*майи 2007*

## САРШОР АЗ МАЪНО ШУДӢ

Саршор аз маъно шудӣ, доно шудӣ, доно шудӣ,
Болотар аз Раъно шудӣ, бар дигаре моно шудӣ.
Дар олами шеъру сухан, дар гулшану дар анҷуман
Пӯшида бар хайле дигар чун шеъри Мавлоно шудӣ.
Ҳар қадр мастурӣ агар, бар кас на манзурӣ агар,
Бар орифон, инак дигар хоно шудӣ, хоно шудӣ.
Рӯ кун кунун чун офтоб оҳиста аз пушти саҳоб,
Бартоб, зеро пуршарар, ҷоно, шудӣ, ҷоно шудӣ.
Бартоб, бенурӣ чаро, аз одамон дурӣ чаро?

Ё маҳв аз ҳарфи ду-се нодидаи коно шудӣ?
Ё азм кардӣ чун тулӯъ бо хоҳиши неки нумӯъ
Дар сояи абри сияҳ пинҳон дар он асно шудӣ?
Бартоб, Қуръон ёри ту, тӯъмори Яздон ёри ту,
Ё маҳв аз ҳарфи ду-се нодидаи коно шудӣ?

*феврали 2007*

# ГУЛИ ЗЕРИ БАРФ

## БА МАРДИ МУҲОҶИР

Ин шеваи дилгудоз то кай, то кай?
Ин пастии бефароз то кай, то кай?
Рӯ сӯи диёри ғайр кардӣ, эй дӯст,
Ин ҳиҷрати пурниёз то кай, то кай?
Гулрӯяки шуғние туро пазмон аст,
Улфат ба бути Ҳиҷоз то кай, то кай?
Гуфтӣ раваму баҳор бармегардам,
Ин н-омадани дароз то кай, то кай?
Аз ман раваду ба кӯи ту пар бикашад,
Ёдам ба гаҳи намоз то кай, то кай?
Бо ёди туи ғариб ҳар шоми Худо,
Хуфтан ба ду чашми боз то кай, то кай?
Бар қоғазу бар қалам зи дилхунии худ
Бикшодани ҳарфи роз то кай, то кай?
Ин дурии хастасоз то кай, то кай?
Хуфтан ба ду чашми боз то кай, то кай?!

*майи 2006*

## БӮИ БАРФ МЕОЯД

Аз самои беахтар, аз хироми ин ар-ар,
Аз санавбарони тар бӯи барф меояд.
Фасли меҳр охир шуд, фасли сеҳр охир шуд,
Фасли шеър охир шуд, бӯи барф меояд.
Эй баҳорзоди ман, эй баҳордоди ман,
Оташи ниҳоди ман, бӯи барф меояд.

Аз нигоҳи халқи шаҳр, аз лабону ҳалқи шаҳр,
Дудмону далқи шаҳр бӯи барф меояд.
Аз саломи сарди ман, аз паёми дарди ман,
Аз мароми марди ман бӯи барф меояд.
Хайр, фасли бишкуфтан, мавсими хуши гуфтан,
Меравам сӯи хуфтан, бӯи барф меояд.
Аз самои бепаҳно, аз сукути пурмаъно,
Аз таронаи Раъно бӯи барф меояд.

*декабри 2008*

## ЧУ САНГ ОМАДАӢ

Қашанг рафта будӣ, ноқашанг омадаӣ,
Чу мум рафтиву з-он сӯ чу санг омадаӣ.
Куҷо шуд он ҳама рангинии худододат?
Ки бенамуду намоеву ранг омадаӣ.
Баҳанг будӣ, чӣ шуд ҳангу зӯру нерӯят?
Заифу бесарупо, ғайри ҳанг омадаӣ.
Паланг рафта будӣ, мисли гурба меоӣ,
Кӣ гуфт мисли палангу наҳанг омадаӣ?
Ба ин намуд намеомадӣ, накӯтар буд,
Диранг кардаму хуш бедиранг омадаӣ.
Чунин, ки сард шудӣ бо ман, эй рафиқи ҳаёт,
Киро ба макри фузуне ба чанг омадаӣ?
Зи ин намуди расидан расад нидои видоъ,
Ба ҷанг омадӣ, оре, ба ҷанг омадаӣ.
Вале ба ҷанг чу оӣ, чаро тани танҳо,

Сӯи Муборизи худ бе туфанг омадаӣ?!

*марти 2006*

## ДАР ҶАВОБИ БАРОДАРИ ҲАМҶАВОР

*Дар боғҳои яхзада ҷорӣ шавад баҳор,*
*Лабрез аз садои қанорӣ шавад баҳор…*
*Эй фасли сурхи фоҷиа, коре макун, ки боз*
*Аз бешаҳои ташна фирорӣ шавад баҳор.*

***Муҳаммадсодиқи Исён, шоири афғон***

Эй дӯст, ин баҳор баҳорӣ шавад баҳор,
Пур аз нидои шукргузорӣ шавад баҳор.
Пас аз саробҳои ҳазини шитозада,
Пурёсамину масту хуморӣ шавад баҳор.
Дар он канори Панҷ туро, ин тараф маро
Илҳомбахши ҳарфнигорӣ шавад баҳор.
Мо ҳарду хуб ранҷи зимистон кашидаем,
Аз ранҷҳои сохта орӣ шавад баҳор.
Ғамдида буд мулки туву ҳам диёри ман,
Ғам охир омаду пайи ёрӣ шавад баҳор.
Содиқ, ту, эй бародари исёнии азиз,
Осуда бош, дур зи хорӣ шавад баҳор.
Раънои ҳамҷавори мубориз бигӯядат:
Бар бешаҳои ғамзада ҷорӣ шавад баҳор!

*феврали 2006*

## БО ОФТОБ МЕРАВӢ

Эй дӯст, меравию паноҳат ба Кирдигор,
Коре накун, ки боз наоӣ ба сад баҳор.
Коре накун, ки боз шавам ҳамнишини шаб,
Коре накун, ки сабр кунад аз дилам фирор.

Тарсам дигар, ки омаданат тӯл мекашад,
Тарсам дигар, ки мекуниям интизори зор.
Тарсам, чу соли дури кабиса ту баъд аз ин
То чанд сол боз наоӣ ба ин диёр.
Рафтан ба хайр, лек фаромӯши мо макун,
Аз дур ҳам чакомаи чашмам ба ёд ор.
Аз дур ҳам шунав ғазали меҳрбори ман,
Аз дур ҳам фирист маро заррае шарор.
Новақт меравию раҳат бод бехатар,
Коре накун, ки боз наоӣ ба сад баҳор.
Бо офтоб меравӣ, бо офтоб о,
То дидан, эй рафиқтарин фарди беғубор!

*марти 2006*

## МУҲОФИЗИ ВАҲДАТ

Ҷанг бубин, ҷадал бубин, шӯр бубин, мағал бубин,
Доми бало кӣ барниҳод, оқибати ҳиял бубин.
Кӣ амали вабо намуд, пушт сӯи Худо намуд,
Душмани халқу миллатам халқи маро ҷудо намуд.
Фикри газанд сохт ӯ, сангару банд сохт ӯ,
Баҳри фанои тоҷикон саъйи дучанд сохт ӯ.
Ӯ кӣ буду куҷо рамид, пеши кӣ, бо киҳо рамид?
Ҷумла хароба карду рафт, дар бағалаш чиҳо рамид?
Хонаи гарми ман чӣ шуд, бистари нарми ман чӣ шуд?

Қурғану Суғду Данғара, Хоруғу Ғарми ман чӣ шуд?
Халқи маро ба ҷон расонд, шукр, Худо варо рамонд.
Дар чамани хазоншуда боз баҳор ҳукм ронд.
Дӯст, чӣ оҷизӣ кунем, хезу муборизӣ кунем.
Ваҳдати хешро дигар хуб муҳофизӣ кунем!

*июни 1996*

## ТУ, ЭЙ УСТОЗ, ЭЙ МОДАР

Ту мегӯӣ, ки бинвозам бароят сози дилхоҳат,
Кадомин соз мегӯӣ, кадомин соз, эй модар?
Кадомин достонамро, кадомин ормонамро?
Кадомин қисса ё ҳисса, кадомин роз, эй модар?
Ту мегӯӣ, ки гоҳе нози ман ҳай нози ширинест,
Кадомин ноз мегӯӣ, кадомин ноз, эй модар?
Ту мегӯӣ ба китфам кош шинад бози қисматсоз,
Кадомин боз мегӯӣ, кадомин боз, эй модар?
Ту мегӯӣ, ки метарсӣ зи миқрозу зи теғу гоз,
Чаро миқроз мегӯӣ, чаро аз гоз, эй модар?
Ту мегӯӣ, ки эмин бош аз ози ҳарисоне,
Кадомин оз мегӯӣ, кадомин оз, эй модар?
Ту мегӯӣ, ки булбулвор гӯям, не мисоли ғоз,
Кадомин ғоз мегӯӣ, кадомин ғоз, эй модар?
Ту, эй устоз, эй модар, ту, эй ҳамроз, эй модар,
Кадомин роз мегӯӣ, кадомин роз, эй модар?

*июни 2006*

## ИШҚИ НАХУСТ

На офтобу на моҳу на ахтарони булӯр,
На зораҳову на зӯрӣ, на кибру кину ғурур.
На даштҳои дарозу на шебҳои фароз,
На рӯзҳои фарохӣ, на рӯзҳои футур.
На улфати ҳама ёрону не ҷаҳонгардӣ,
На беҳузурии шавқу на рӯзҳои ҳузур.
На рӯзаву на намозу на фитру не пас аз он,
На фикри рӯзи расанда, на фикри рафтаи дур.
На ҳамлу модариву банди гоҳвора шудан,
На хонумии бабахту ҳарамсарои банур.
На меҳрубонии шавҳар, на ному шӯҳрату шон,
На ҷилд-ҷилд китобу на панди санги сабур.
Туро зи ман натавон ронд, ёди ишқи нахуст,
Туро зи ман натавонад рабуд ҳеҷ зуҳур.
Ман охир ишқмаризу туӣ ҳавоболишт,
Чӣ гуна бе ту зиҳам, эй зи ҳар давоҳо зӯр?
Агарчӣ рӯзи вафотам, равӣ дами сакарот,
Ту боз дар дили ман зинда мешавӣ дар гӯр!

*августи 2006*

## ХАТИ САРҲАД ЧӢ КУНАМ?

*(Ба халқи бародари Афғонистон)*

Чун ду ними хуши себем, биё,
Дур аз ҳам ба фиребем, биё.
Панҷ афтода миёни ману ту,
Бар фарозему ба шебем, биё.
Марзу сарҳад чӣ кунам, зори туям,

Мо зи дарё ба ниҳебем, биё.
Эй биё, гардани тоқат бишикан,
Аз чӣ босабру шикебем, биё.
Мову ту хешу табори азалӣ,
Ориёнасли базебем, биё.
Чун ду ними хуши себем, биё,
Дур аз ҳам ба фиребем, биё!

*июли 2006*

## БОЯД БАҲОР ОЯД

Имрӯз бош бо ман, бояд баҳор ояд,
Ҳамроҳи лашкари ӯ бояд, ки ёр ояд.
Бояд мадор ояд, лутфу хумор ояд,
Шавқу шарор ояд, чун дар навор ояд.
Аз дур бо қатора бар шаҳри мо дубора
Имрӯз фавҷи ёрон бояд қатор ояд.
Имрӯз бояд, эй ҷон, баъди шикасти армон,
Танҳоии азимам бар як қарор ояд.
Имрӯз бояд аз дур, чун офтоби пурнур,
Як шаҳсавор ояд, аз як диёр ояд.
Бояд зи мулки мардум, сархайли хайли анҷум,
Он ғамбарор ояд, духтаршикор ояд.
Имрӯз бош бо ман, бояд баҳор ояд,
Ҳамроҳи лашкари ӯ бояд, ки ёр ояд.

*феврали 2006*

## БА ЗОДГОҲИ БЕ МО САЛОМ

Эй бод, саломи ман ба кӯҳҳо бирасон,

Бар Хоруғи дилнавози бе мо бирасон.
Бар модари интизораму бар падарам,
Бар Чашмаи Носири мубарро бирасон.
Ҳарфи дилаки нафиси найсониро
То соҳилакони Ғунди зебо бирасон.
Лабрези нидояму нағунҷам дар худ,
Инро ба Сарези пурмуаммо бирасон.
Бар маҳфили шеъри дӯстонам аз ман
Падруду дуруди меҳрполо бирасон.
Аз шаҳри калон каломи ғарқи ҳавасам
Бар шаҳраки кӯчаки дилоро бирасон.
Бе такяи кӯҳ муборизиям кам шуд,
Ин роз ба гӯши Дашти Боло бирасон.
Мазмуни таронаи навамро, эй бод,
Бар хурду бузурги Боми Дунё бирасон.
Эй бод, саломи ман ба кӯҳҳо бирасон,
Бар Хоруғи дилнавози бе мо бирасон.
Оре, оре, саломи пазмониро
Бар зодгаҳи азизи Раъно бирасон.

*июни 2006*

## БА МАҲАЛГАРОЕ

Дунёи маҳалгароият пирам кард,
Дилмондаи зиндагиву тақдирам кард.
Ҳарфи ғалатат чунон ғалат уфтодам,
К-андешакунон бурун зи Помирам кард.
Нахчирнафас будам ба кӯҳҳои баланд,
Сайёдии ту ҷудо зи нахчирам кард.
Ҳар лаҳза ту қасди маҳви ман месозӣ,
Ҳар лаҳзаи ту дучори тазвирам кард.

Бишкаста, равон шудам дигар сӯи фано,
Тақдир, валек, боз тадбирам кард.
Эй бехабар, ин қадар талоши ғалатат,
Таҳрирам кард, баски таҳқирам кард.
Оре, ҳарфат агар чунин пирам кард,
Гарчанд бурун зи кӯҳи нахчирам кард.
Пазмони абад ба номи Помирам кард,
Хуш бош, талоши ту ҷаҳонгирам кард.

*августи 2006*

## АЗ ВАҲДАТИ МОВУ ТУ

Эй дӯст, нигар акнун оина чӣ мегӯяд,
Ин қалби шуда эҳё дар сина чӣ мегӯяд.
Бингар сӯи оина, з-ояндаи ту гӯёст,
Бар хотираҳо бингар, порина чӣ мегӯяд.
Гуфтам, ки бикун ваҳдат, к-он аст салоҳи кор,
Кардиву нигар, хайле аз кина чӣ мегӯяд.
Аз ваҳдати мову ту дунё шуда пур аз ганҷ,
Имрӯз, нигар акнун ганҷина чӣ мегӯяд.
Меъроҷ кунам бо ту, чун зина фароҳам шуд,
Дар азми уруҷи мо ҳар зина чӣ мегӯяд?
Мардона ту боло шав, то авҷи сурайё шав,
Пас бин, ки ба мардият мардина чӣ мегӯяд.
Имрӯз шунав, эй дӯст, Раъно, ки зани хушрӯст,
Дар рӯзи ҳумоюни одина чӣ мегӯяд!

*августи 2006*

## ТАРОНАИ ХОНУМИ АФҒОНӢ

Биё баҳор кунем, к-аз баҳор ёд намонд,
Худо гуво, ки дигар рӯзҳои шод намонд.
Ба бодҳо бирасон, ки зи ҳукми худ гузаранд,
Зи дасташон чу касе н-омада ба дод намонд.
Ба пешвози зимистониёни аҳриманӣ,
Ба ҳеҷ мулки Худо чеҳрае кушод намонд.
Биё, алайҳи дайи бардавом бархезем,
Биё, ки зиндагии мову ту зиёд намонд.
Биё, ки маҳфили сабзи хуше биороем,
Барои сабз шудан гӯшае наход намонд?
Наход нест касе, ки ба базми мо ояд?
Наход чун ману ту ҳеҷ босавод намонд?
Наход ҷумла ҷаҳон гурбадил шуду буздил?
Наход чун ману ту шахси шерзод намонд?
Наход Кобулу Балху Ҳирот дар хобанд?
Ба Панҷшер магар ҳеҷ марди род намонд?
Биё, баҳор кунем, к-аз баҳор ёд намонд,
Биё, ки зиндагии мову ту зиёд намонд.

*майи 2002*

## ТУ БА МАН ЧӢ КОР ДОРӢ?

Ман агар пур аз гуноҳам,
Пури айбаму табоҳам,
Ва хатост ҷумла роҳам,
Ту ба ман чӣ кор дорӣ?

Агар аз табори абрам,
Агар аз табори бабрам,
Агар аз табори габрам,
Ту ба ман чӣ кор дорӣ?

Ман агар гули анорам,
Ман агар пур аз баҳорам.
Агар аз дигар диёрам,
Ту ба ман чӣ кор дорӣ?

Ман агар пури гуноҳам,
Пури айбаму табоҳам,
Ба Худо супур паноҳам,
Ту ба ман чӣ кор дорӣ?

*марти 2006*

## БИЁ, ЗИ РАФТА МАГӮ

Биё, зи ҷангу зи хуну зи марг ҳарф магӯ,
Зи офтоб бигӯ, қиссаҳои барф магӯ.
Зи ваҳдати нави шоху ҷавонаҳо мегӯ,
Зи умри рафтаву аз решаҳои жарф магӯ.
Фақат зи исм бигӯву зи навъҳои сифат,
Зи феълу ҳоли замону макону зарф магӯ.
Ҳар ончи буд, гузашт, зикри он макун ҳаргиз,
Магӯ, магӯ зи ҷавонии гашта сарф, магӯ.
Ба ҷуз аҷибу наҷибу ба ҷуз гуворой,
Ба ҷуз ҳадиси хушу қиссаи шигарф магӯ.
Фақат бигӯй, ки оянда пур зи хубиҳост,
Зи ҳар канору зи ҳар сӯву самту тарф магӯ.
Биё, зи рафта магӯ, ҳарчи рафт, мон, ки равад,
Фақат зи исм бигӯву зи ҳолу зарф магӯ!

*августи 2006*

## ҲАРФИ ТУ ДИЛНАВОЗУ ДИНӢ АСТ

Ин қадар ҳарфи ту заминӣ аст,
Ҳарфи зебои ёсаминӣ аст.
Шеваи ҳарф гуфтанат, эй дӯст,
Шеваи хуби ангубинӣ аст.
Дар сарат тоқии бадахшонӣ,
Куртаат, лек моли чинӣ аст.
Омадӣ аз «Раҳи бирешим» ту,
Омадат амнро аминӣ аст.
Лаҳҷаат-лаҳҷаи кӯҳистонӣ,
Лаҳни ширини хуштанине аст.
Рӯи ту, эй азизи хуршедӣ,
Ин қадар дилнавозу динӣ аст.
Лек гарчи рухи ту хуршедист,
Боз ҳам ҳарфи ту заминӣ аст.

*декабри 2005*

## ТУРО ХАБАР НАКУНАД

Дигар нигоҳи ман аз пушти ту сафар накунад,
Фурӯғи нилии худ боз дарбадар накунад.
Дигар зи кӯчаи пурсангу хори кӯҳистон,
Дилам, қасам, ки бари диданат гузар накунад.
Дигар ба қоғази ҳамроз боз хомаи ман,
Ба номи ту сухане ҳеҷ гоҳ сар накунад.
Дигар ба хотири будан фақат, фақат бо ту,
Хаёли ман сафари хеш мухтасар накунад.
Дигар ту дониву ёрат, дигар ману шеърам,
Агар нави ту вафо мекунад ва гар накунад.
Чунон, чунон зи ту ранҷидаам, ки аз сари қаҳр,

Дигар забони ғаминам дигар-дигар накунад.
Туро хабарбари тӯи арӯсиам ҳатто
Ба тӯи ҳафтаи ояндаам хабар накунад!
*марти 2006*

## ХОҲИШ

На аз самои баландат ситора мехоҳам,
На аз ду чашми кабудат шарора мехоҳам.
На аз вуҷуди ғании ту, эй шаҳи хубон,
Шунидани сухани пора-пора мехоҳам.
На озимам, ки ҳамора равам ба хилвати ту,
На омадан-т ба наздам дубора мехоҳам.
Пиёда сӯи ту рафтам, пиёда омадаам,
Туро, валек шаҳи ман, савора мехоҳам.
Чи ҷои руст шудан пушти шишаи мошин,
Туро намои хуши ошкора мехоҳам.
Надидаам зи ту чизе ба ҷуз ғаму андӯҳ,
Туро, валек, на зорӣ, на зора мехоҳам.
Нахоҳаме ивази он дилам зи ту чизе,
На аз ту хонаву ҷуброну чора мехоҳам.
На хоҳамат, ки биёиву зиндаам бикунӣ,
На қатли хеш ба дастат дубора мехоҳам.
Фақат гузор, ки бошам ба гӯшае ором,
Дигар на гӯшиву не гӯшвора мехоҳам.
Нахоҳаме ивази он дилам зи ту чизе,
На аз ту фоизи қарзу на чора мехоҳам!
*марти 2006*

## ЭЙ ТО ФАЛАК ФАРОШУДА

Эй то фалак, фарошуда, як дам биё, фаро,
Аз ҳастиям ҷудошуда олам биё, фаро.

Эҳё намо дубора равони равони ман,
Эй Исӣ ибни олиҳа Марям, биё, фаро.
Эй ёри рафта, н-омада дигар ба хилватам,
Баҳри Худо, ба хилвати пурғам, биё, фаро.
Рафтиву кам шудам ҳама рӯзу ҳама шабон,
Эй барзиёдгар, сӯи ин кам, биё, фаро.
Эй лаъми оташ, аз аташи дил ба оташам,
Эй чакрае зи чашмаи Замзам биё, фаро.
Ҳатто зи савти Аҳмади Зоҳир буридаам,
Ин мурдан аст, ҳамсари беғам, биё, фаро.
Хуршеди ман, зи бистари абри гузар бихез,
Тобанда пеши қатраи шабнам, биё, фаро.
Поёни ҳар ситез бувад оши оштӣ,
Оши наҳори ман ба гаҳи дам биё, фаро.
Эй то фалак фарошуда одам, биё, фаро,
Эй Исӣ ибни олиҳа Марям, биё, фаро.

*июни 2006*

## ЭЙ ЁР, ЁРТАР ШАВ

Эй ёр, ёртар шав, зебоканортар шав,
Эй фасли навбаҳорам, андак баҳортар шав.
Эй ҳастии дуруштам, тарҳи рухат дигар кун,
Меъёрҳо дигар шуд, андак нигортар шав.
Эй ишқ, ки саворӣ бар ин дили маҳинам,
Хуш бош, бош роҳат, бар дил савортар шав.

Чун, бори ишқ, дорӣ вазнинии гуворо,
Бар ҷони нозуки ман, эй бор, бортар шав.

Гар истироҳати хуш кор аст баҳри инсон,
Пас, кори мушкили ман, афзою кортар шав.
То ки насозадам чашм чашми бади ҳасуде,
Эй хори посбонам, имрӯз хортар шав.
Бар душмани муҳаббат, бар он, ки нест ошиқ,
Эй дори пургуноҳон, имрӯз дортар шав.
То сӯзиву гудозӣ дар ишқ ошиқамро,
Эй оташи хиромон, имрӯз нортар шав.
Эй ёр, ёри доно, эй зори ишқи Раъно,
Алқисса, ёртар шав, бар ишқ зортар шав!

*марти 2006*

## МУБОРИЗИ ОҶИЗ

Бо ту гуфтам сардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз,
Гуфтамат, ки дардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз.
Ин қадар, ки як мубориз пеши ту оҷиз шуда,
Гуфтамат, ки мардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз.
Лолаи якрӯяму садбарги садтаркиб не,
Гуфтамат, ки вардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз.
Дил надорам, ҷои он дар тангнои синаам,
Гуфтамат, ки гардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз.
Дар миёни баччаҳои бодии қишлоқи мо,
Гуфтамат, ки фардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз.
Ин кадар, ки як Мубориз пеши ту оҷиз шуда,
Гуфтамат, ки мардиву ин ҳарфро гӯям ҳанӯз!

*апрели 2006*

## ВИҚОР ЧӢ ШУД?

Баҳори пор чӣ шуд, он қадар хумор чӣ шуд?
Барори кор чӣ шуд, шӯҳрату виқор чӣ шуд?
Сипоҳи лола куҷо рафту ку гули насрин?
Нигоҳи гармтари офтоби хор чӣ шуд?
Ба самти рост ва ё чап гурехт селаи кабк?
Хироми гарми парастую бозу сор чӣ шуд?
Чаро кунун дигар ин мулк сокитистон аст?
Ҳамон навои гугушонаи баҳор чӣ шуд?
Куҷо хурӯши хуши ҷӯи пеши хонаи ту?
Ҳадиси тарҷумаҳолии чашмасор чӣ шуд?
Чарост, ёри азизам, канори ту холӣ?
Зи баъди рафтани ман ҳоли ин канор чӣ шуд?
Ту хостӣ биравам ман зи хонаи дили ту,
Ки гирӣ ёри ҷавон, пас ҷавонёр чӣ шуд?
Ба ин вуҷуди хазонгаштаат дилам сӯзад,
Баҳорпеша будӣ, он ҳама қарор чӣ шуд?
Рамид ёри ҷавонат сӯи ҷавонтар ёр?
Валек, ҳоли ту, эй ёри хору зор, чӣ шуд?
Ту хостӣ, биравам ман, ки ёри нав гирӣ,
Гирифтӣ, лек таассуф, ки хатми кор чӣ шуд?

*сентябри 2006*

## ЭЙ ОФТОБИ ШАРҚӢ

Эй наврасида аз дур, ёри маро надидӣ?
Дар он канори олам зори маро надидӣ?
Ёри муҳоҷири ман рафту дигар наомад,
Ёри мусофири ман рафту дигар наомад.
Эй офтоби Машриқ, аз Ғарб як гузар кун
Аз хонаи баландат ёри маро назар кун.

Эй шаҳрванди шарқӣ, ҳамшаҳрем ману ту,
Ҳамшаҳр ҳаст бо мо ёри фитода он сӯ.
Баргӯй интизорам, баргӯй бeқарорам,
Ояд ва ё равам ман аз ин ҷаҳони торам?
Ҳарчанд кишвари ман сарсабз ҷовидонист,
Бе ёр сабзаву гул бар ман ҳама хазонист.
Баргӯй бебаҳорам, баргӯй хору зорам,
Баргӯй ҷуз зимистон фасле дигар надорам.
Ё ёри нав гирифта ёрам ба мулки мардум?
Ки ин қадар наомад, ки ин қадар шуда гум.
Дар мулки зардмӯён чун аст он сияҳмӯй?
Эй офтоб, бину ою сипас ба ман гӯй.
Эй офтоби зебо, ҳамшаҳрии тавоно,
Бо худ бубар ба Мағриб ин шеъри дарди Раъно.

*марти 2006*

## МАСЛИҲАТ НЕСТ

*Зи ҳамроҳон ҷудоӣ маслиҳат нест,*
*Сафар бе рушноӣ маслиҳат нест.*

***Мавлавӣ***

Туро аз хеш рафтан маслиҳат нест,
Туро з-ин беш рафтан маслиҳат нест.
Ба пеши он ки дилсанг асту ҷоҳил,
Туро дилреш рафтан маслиҳат нест.
Сӯи оне, ки дирӯзаш табаҳ буд,
Туро дарвеш рафтан маслиҳат нест.
Аз ин роҳе, ки дорӣ, эй дугона.
На пас, на пеш рафтан маслиҳат нест.
Сӯи оне, ки бадкеш аст зинҳор,
Туро, ҳамкеш, рафтан маслиҳат нест.

Вале сӯи касе, ки нӯшбахш аст,
Туро бо неш рафтан маслиҳат нест.
Туро, Раънои сода, баъди ин шеър,
Сӯи ҳар меш рафтан маслиҳат нест!

*декабри 2007*

## БИЁ, СОДА ШАВЕМ

Содагӣ ҳадди бузургист, биё, сода шавем,
Аз мураккаб гузару одиву озода шавем.

Маст аз бода шудан нест ягон кори аҷиб,
Мо, биё, маст зи бодом, на аз бода шавем.

Даргузар аз ҳама сӯзандагиву маҳвкунӣ,
То ба эҷоду ба созандагие дода шавем.

Чун муаммо ба манӣ, ман ба туям сарбаста,
Бар рухи ҳам, ту биё, чун дари бикшода шавем.

Ориёнасл будан маънии олӣ дорад,
Мо асилему биё, покнасабзода шавем.

Нурандуда шавад кишвари мо аз ваҳдат,
Пас, биё, нурфизоёни ҳамин ҷода шавем.

Охируламр гузаргоҳст агар пули сирот,
Мо аз имрӯз, биё, бар гузар омода шавем.

Содагӣ ҳадди бузургист, биё, сода шавем,
Бар рухи ҳам, ту биё, чун дари бикшода

шавем.

*марти 2005*

## ОФТОБ, ЭЙ БАРОДАРИ АБАДӢ

Офтоб, эй либоси нодорон,
Бетамаъ сарпарасти ҳар даврон.

Бе ягон шартнома барқ диҳӣ
Бар замини зи тирагӣ ҳайрон.

Хастаам аз фиреби додугирифт,
Музтарам аз ҳисобу аз ҷуброн.

Юсуфам бо чунин бародарҳо,
Эй бародартарин бародарҷон.

Ин чӣ даврест, даври аҷзу ниёз,
Аз кӣ имкон биҷӯяму имон?

Аз замин файз рахти худ барчид,
Шояд аз баъди ҷанги ҳамзодон.

Мисли он ки зи куштани Сӯҳроб
Рустами гурдро шикаст миён.

Офтоб, эй бародари абадӣ,
Кони лутфу саховату эҳсон.

Дар замоне, ки хеши шайтон аст,
Як туӣ раҳнавард бо Раҳмон!

*феврали 2009*

# МАВСИМИ МУҲАББАТ

## НАКҲАТИ НАВРӮЗ

Эй дӯст, биё, накҳати Наврӯз расида,
Бо сабзаву бо савсани зардӯз расида.
Шаҳбаччаи Наврӯзи аҷам-шеди ҳумоюн,
Бо нури худододи шабафрӯз расида,
Ҳай сафдари пурнури балосӯз расида.

Дар хона нишастан дигар аз ақл бурун аст,
Маҳруми тамошо бишавад, ҳар ки дарун аст.
Эй ёри зимистонии дар хеш нуҳуфта,
Бечунучаро ою нигар омада чун аст,
Сардию сукуту аламу яъс нагун аст.

Эй ҳамватанон, омади имрӯз муборак,
Имрӯзи ҳумоюни ҷафосӯз муборак.
Эй бохабар аз асли худу насли накӯят,
Навсоли ниёгони худомӯз муборак,
Наврӯзи саропо шарарандӯз муборак!

*марти 2006*

## САНГИ ЗИНДА

Нодида наям, рафиқ, нодида наям,
Нодидаи санги аз раҳам барчида.
Зеро ки ба умри худ мани помирӣ,

Милён намуди сангҳоро дида.
Ин санг, вале, ки дар тани ту ҷо аст,
Дар шакли дил асту лек ин хоро аст.
Дар ҳеҷ макон надида будам мислаш,
Бо сахтии худ ба даҳр ин якто аст.

Ин гуна надида як музеи дунё,
Ин гуна надида ҳеҷ як кӯҳистон.
Ин санги ту ихтирои мулки ғайб аст,
Ин санги ту аст шоҳсанги сангон.

Чун лаъл намояду гарон аз лаъл аст,
Сангони дигар ба сангии он банда.
Аз сангии худ валек вай бехабар аст,
Охир кӣ бидида санги сурхи зинда?!

Бар соати дастиат нигаҳ месозӣ,
Оре, оре, ки вақти падрудат шуд.
Ворид бишавӣ ту дар Китоби Гиннесс,
Эй соҳиби санги зинда, бо нодири худ!

*июни 2006*

## ГУЛИ САНГӢ

Эй баҳори ошиқзо,
Ман баҳормаъноям.
Гуфтаӣ, ки Раъно кист?
Ин манам, ки Раъноям.

Дар баландии дунё
Сангдухтаре будам.
Сангҷону сангинсар,

Сангпайкаре будам.

Ҳолиё, вале ин шаҳр,
Нарму пилагиям кард.
Ҳай бирешимӣ гаштам
Ман, мани шамоловард.

Нарм шуд дигар акнун,
Савту ҳарфу оҳангам.
Лек бо ҳама нармӣ,
Ман ҳамон гули сангам!

*майи 2005*

## САРОРО ДИДАӢ, АММО…

Сароро дидаӣ, аммо сурайёро намедонӣ,
Ҷаҳонро дида бошӣ, ҳам, ту Раънoро намедонӣ.
Агарчи беҳтарин мардӣ, агарчанде ҷаҳонгардӣ,
Туи бедил нишонии сувайдоро намедонӣ.
Ба он ҳусни расои худ, ба он ақли фарои худ,
Ту қолабро парастӣ, лек маънoро намедонӣ.
Чу истиқлоли гуфтан дориву иқболи бишкуфтан,
Ту аз бозор мегӯиву савдоро намедонӣ.
Ба он, ки ҳафт сайёра надида чун ту хушрӯе,
Ту хулқи ахтари хушрӯи Зӯҳроро намедонӣ.
Мани зӯҳроситора аз туи Миррих ба ранҷ

астам,
Ту охир ишқ мегӯиву шайдоро намедонӣ.
Сароро дидаӣ, аммо сурайёро намедонӣ,
Ту қолабро парастӣ, лек маъноро намедонӣ!

*октябри 2005*

## РАҲНАВАРДИ ШАҲРИ РАББОНӢ

Дар забонам ё Муҳаммад, ё Алӣ,
Раҳнавардам ҷониби шаҳри Худо.
Ҷонамозам дар бағал, ё зоти Ҳақ,
Меҳаросам аз балои Карбало.

Ҳазрато, ман духтаре шайдои шеър,
Бо ниёзу сӯзу созе омадам.
Баъди рӯза, баъди фитру зикрҳо,
Баъди анҷоми намозе омадам.

Аз куҷо гирам раводиду зи кӣ?
То вуруди шаҳри раббонӣ шавам.
Баски медонам фақат дар он фазо,
Баҳравар аз шеъри ирфонӣ шавам.

Асрҳо шуд, асрҳо шуд, асрҳо,
Дар ниҳодам шӯълаи шеъри шифо.
Дар забонам ё Муҳаммад, ё Алӣ,
Меравам ман ҷониби шаҳри Худо.

*феврали 2005*

## ОРИЁӢ

Эй ки нигоҳ мекунӣ хатти ману холи ман,
Дар нигаҳам сабт аст тарҷумаи ҳоли ман.
Сабзии чашмони ман қиссагар аз ориёст,
Зодаи Иронваҷам, шоҳиди ҳарфам Худост.
Асли ману насли ман фасл шуда дар ҷаҳон,
Бо дигар ақвоми даҳр васл шуда ҷовидон.
Оризи ту гӯядам мову ту ҳамдудаем,
Гарчи раҳи мухталиф мову ту паймудаем.
Аз чӣ қадар дурии, аз чӣ ҷаҳони кушод?
Бо ҳама бегонагӣ ту ба манӣ ҳамнажод.
Нури худододи ту нури хуши кибриёст,
Ин дили ман гӯядам, к-ин гуҳари Ориёст.
Эй ту ба ман ҳамнасаб, эй ту ба ман ҳамнажод,
Насли хуши ориён бо ҳаму поянда бод!

*майи 2005*

## ДУ ОФТОБ

Ё бори Худо, виқор меояд боз,
Бар ҷисми фано мадор меояд боз.
Бар мулки хазонзада ба фармони Худо,
Сарсабз баҳори сор меояд боз.

Шояд дигар ин замон дигар мегардад,
Он кӯҳна, ки буд, ҳамон дигар мегардад.
Ҳар кӯҳнаву нав дигар ҳама нав шуданист,
Ҳам ҳарф ва ҳам баён дигар мегардад.

К-аз ҷониби Мағриб офтобе дигар,
Бо ҳусни хушу фару ниқобе дигар,

Омад сӯи офтоби Машриқ рахшон,
Хуш ой, ту, офтоби нобе дигар.

Дар як фалаке дуофтобӣ кай буд?!
Ин гуна фалак ҳама гулобӣ кай буд?!
Кай дидаӣ ин қадар чароғон олам?
Ин гуна каломи ман уқобӣ кай буд?!

Оре, оре, замон дигар мегардад,
Ҳам ҳарф ва ҳам баён дигар мегардад.
Аз шеъри ман он чӣ буд номақбулат,
Ё бори Худо, ҳамон дигар мегардад.

*майи 2005*

## ОФТОБИ ЗАМИНӢ

Ончунон, ки Боби Қамбар буд шайдои Алӣ,
Ончунон, ки буд Мавлоно асири Шамси дин.
Инчунин ман волаат ҳастам тамоми умри худ,
Инчунин сӯзам аз ишқат гаҳ чунону гаҳ чунин.

Ишқи рӯҳонии ту шеъри маро тавлид кард,
Рӯҳи ман, ҷони маро пайванд бо тавҳид кард.
Аз саро то бар сурайё буд зикри ҳусни ту,
Дидаам чун дид ҳуснат, ид пушти ид кард.

Ончуноне, ки камар баста Сурӯши бовафо,
Буд истода пайи хидмат намудан бар Худо.
Инчунин дар хизматат ҳастам, ҳаме баста камар,
Инчунин хоҳам бимонам умрҳову умрҳо.

Ман ба номат саҷда орам, рӯ ба сӯи ҷонамоз,

Ман бароят роз гӯям, рози садбаргии боз.
Ҳар қадар, ки бениёзам кардаӣ бо ишқи худ,
Ман ба сӯят рӯй орам, боз ҳам рӯи ниёз.

Нӯҳ табақ гардун бигардам бо хаёли ишқи ту,
Гарчи бо ман дар заминӣ, эй ту хуршеди замин.
Ончунон шоир шудам аз ишқ дар синни камам,
Ончунон ки буд Мавлоно зи ишқи Шамси дин!

*августи 2005*

## ТУ ЁСАМИНӢ

Ту ёсамин гули манӣ, ту ёсаминӣ,
Агарчи осмониӣ, гули заминӣ.
Ситора рӯшанӣ диҳад ба он фурӯғаш,
Ба нури кибриёият ту ҳам чунинӣ.
Ту бо малак анисиву зи хокиён дур,
Хушо ба ҳоли он, ки ту ба он қаринӣ.
Чи дери дер омадӣ аз осмонҳо,
Ба маҳ, ки ҳамнишин будӣ, чи маҳҷабинӣ.
Ҳазор нозанин агар ба шаҳри ман аст,
Зи ҳар банури нозанин ту нозанинӣ.
Дигар касон зи кас баранд сабру тамкин,
Ту дилбариву дилрабо, ту дилнишинӣ.
Ба шаҳри сабзи ишқи ман, ба тахти бахтам,
Набудӣ гарчи аввалин, ту охиринӣ!

*августи 2005*

## НАФАСИ ҲАЁТБАХШ

Шом омаду хуш паём омад,
Аз ёр ба мо салом омад.

Аз даргаҳи поки Ҳақтаъоло,
Бо амри Худо калом омад.
Эй дӯст, паёми хуш муборак!
Эй дӯст, каломи хуш муборак!

Шом омаду мавҷи нур омад,
Он нур зи бурҷи дур омад.
Бо он нафаси ҳаётбахшаш,
Биноӣ ба чашми кӯр омад.
Эй дӯст, муборак каромат!
Эй дӯст, муборак саховат!

Шом омаду шоми ту саҳар шуд,
Зулмат зи ҳаёти ту бадар шуд.
Аз баъди асорати зиёде,
Маънои ҳаёти ту дигар шуд.
Эй дӯст, ба хайр субҳи шево!
Эй дӯст, ба хайр субҳи зебо!

Шом омаду рӯшанӣ нумӯъ кард,
Хуршед зи Мағрибат тулӯъ кард.
Он набзи зи кор мондаи ту,
Эҳё шуду бар задан шурӯъ кард.
Эй дӯст, тулӯи нав муборак!
Эй дӯст, нумӯи нав муборак!

*майи 1995*

## ТАРОНАИ ДИДОР

Оҳ, ин чи дидори хуше, шайдо шудам, шайдо шудам,
Хобам ва ё бедор ман, оҷиз будам, бино шудам.

Нотиқ набудам то кунун, ҳай булбули гӯё шудам,
Оҳ, ин чи ишқе буд, ки дар ҳоли вовайло шудам.
Сисола ҳастам ё ки нав тавлид дар дунё шудам?!
Ё як замоне будаму акнун зи нав эҳё шудам?
Соҳир туӣ к-аз сеҳри ту якборагӣ зебо шудам,
Моҳир туӣ, к-аз меҳри ту дарё шудам, дарё шудам.
Шоир туӣ, к-аз шеъри ту доно шудам, Раъно шудам.
Ин сон ҷамолат хушнамо, ман об сартопо шудам,
Оҳ, ин чи дидоре, ки ман саршор аз маъно шудам,
Оре, туӣ Шамси Замон, ман мисли Мавлоно шудам!

*майи 1995*

## БА ПАНҶРӮД ДУРУД

Бигӯ зи номи ман, эй дил, ба Панҷрӯд дуруд,
Бигӯ ба олами шеъри хушу суруд дуруд.
Ба рӯҳи зиндаи султони шоирони аҷам,
Ба аҳли фазлу маонии беҳудуд дуруд.
Ба остони бузурге зи остонаи ман,
Ба мулки сабзи найу чангу созу уд дуруд.
Ба рӯдбори Уреҷаш саломи ман бирасон,
Ба Булбулони баланди макони ҷуд дуруд.
Бигӯ ба шоири бинотарини ҳарду ҷаҳон
Зи як мусофири дунёи шеъри рӯд дуруд.
Бигӯ, ки теғи рақибат шикаст охири кор,
Бигӯ, ки меҳри ту бо халқ боду буд , дуруд.

Ба шонаҳои бузургаш ба меҳр такя бикун,
Ба пайкари хуши он фарди хушнамуд дуруд.
Бале, ба мулки азизе, ки Рӯдакӣ он ҷост,
Бигӯ зи номи ман, эй дил, пас аз суҷуд дуруд.
Ба пои пири хирадвар намози шукр гузор,
Ба зоти поку кабираш бигӯ дуруд, дуруд!

*сентябри 2008*

## ЗИ НАВ БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор боз бо ҳамон раҳи баҳор мерасад,
Ба гӯши ман таронаи баҳори пор мерасад.
Зи нав мадор мерасад, зи нав хумор мерасад,
Зи нав умеди рафтани шабони тор мерасад.
Зи нав ҳамели мӯҳраро ба дасту гарданам кунам,
Ки он зи даври наврасӣ ба ёдгор мерасад.
Ба бар кунам сари саҳар қабои атласии худ,
Зи нав фурӯғи нилгун ба чашми чор мерасад.
Ба ормони хуфтаам иҷозати сафар диҳам,
Ки фарвадини нозанин ба ихтиёр мерасад.
Ба одаму гулу гиёҳ, ба обу офтобу моҳ,
Бубин, ки лутфи нури ҳақ чӣ бошарор мерасад.
Нуфуси улвӣ аз само, нуфуси сифлӣ аз саро,
Ба шодбоди якдигар чӣ меҳрбор мерасад.
Баҳорзодаам ману биё ба зодрӯзи ман,
Биё, ки солам ин сафар ба як виқор мерасад!

## ҲАМНАСАБИ ХУРШЕДЕМ

Ману ту ашки ниёгони пурармон ҳастем,

Ману ту ҳосили як лаҳзаи тӯфон ҳастем.
Дигарон ҳаст шуда дар дили дунёи васеъ,
Ману ту вориси сарсахти кӯҳистон ҳастем.
Ману ту кӯҳнатарин халқи ҷаҳони куҳанем,
Ману ту тозатарин насли хиёбон ҳастем.
Ману ту Машҳаду Шерозу Зарафшону Ҳисор,
Ману ту Балху Бухорову Бадахшон ҳастем.
Чӣ басо Чингизу Темур ва Сикандар дидем,
Ману ту ғарқаи хуни худу ёрон ҳастем.
Чӣ қадар мардуми мо ҳаст парешон ба ҷаҳон,
Ману ту ҷамъи заифони парешон ҳастем.
Ту биё, дӯст биё, зӯр ба ҳам бахшоем,
Ману ту нарм чу афсонаи борон ҳастем.
Ту биё, дӯст, биё, нур ба ҳам бахшоем,
Ману ту сард чу хуршеди зимистон ҳастем.
Ту вале зӯру қавӣ бош, азизам, охир
Ману ту боиси ҳангомаву исён ҳастем.
Ману ту ҳамватани лаълу ақиқу гуҳарем,
Ману ту ҳамнасаби шамси дурахшон ҳастем!

*сентябри 2008*

## ДИГАР ШЕЪРЕ НАМЕГӮЯМ

Ту, эй дарё, чӣ медонӣ, ки ман дарёнасаб ҳастам,
Ту, эй зебо, чӣ медонӣ дигар маънոталаб ҳастам.
Ту, эй садбарги кӯҳистон, маё аз тори кӯҳ поён,
Ки ман аз омаданҳоям ба аҳволи аҷаб ҳастам.
На шаҳриям, на деҳотӣ, аҷоиб лӯъбате гаштам,
На хоҳони хамӯшиям, на хоҳони тараб ҳастам.

Дар ин шаҳри пур аз савдо ҳама ҷуфту ҳама якҷо,
Миёни ин ҳама якҷо гули танҳои шаб ҳастам.
Баҳоровояму ин шаҳр асли навбаҳоре аст,
Надонам пас чаро ман бетарона бесабаб ҳастам.
Дигар роҳе намепӯям, дигар шеъре намегӯям,
Қарин ҳарчанд дар ин шаҳр бо аҳли адаб ҳастам.
Деҳи кӯҳии ман, боре маро бар ёд меорӣ?!
Ман аз ёдовариҳоят фақат мӯҳтоҷи ҳаб ҳастам.
Ту, эй дарё, чӣ медонӣ, ки ман дарёнасаб ҳастам,
Ту, эй Раъно, чӣ медонӣ ба ёди кӣ ба таб ҳастам!

*августи 2005*

## БА ҶАВОНИ РАҲГУЗАРЕ

Ту зи аҳли улвиёнӣ, ту вале чаро аёнӣ?
Аҷаб орази ту зебо, ба сиришт ҳам чунонӣ?
Зи куҷоӣ, ай мусофир, ба чӣ самти хуш равонӣ?
Зи чӣ даҳри пурмуаммо, зи чӣ кишвари замонӣ?
Зи чӣ олами муборак, зи чӣ гӯшаи ниҳонӣ?
Нигаҳат чӣ сеҳр дорад, ту магар зи соҳиронӣ?
Ҳама асли ту куҷоӣ? Зи ҷаҳони ошиқонӣ?
Зи чи хуш табор ҳастӣ, ту чу ман намозхонӣ?
Ба ту лаҳҷаам аҷаб аст, ту шигифти ин забонӣ?
Магар аз дигар диёрӣ, магарам ту меҳмонӣ?
Зи Худо умед дорам, ки макини ин маконӣ,

Зи само мадад бипурсам, ки ба ман ту ҳамҷаҳонӣ.
Зи куҷой, ай мусофир, ба чӣ самти хуш равонӣ?
Дили ман хариданиӣ, ту чӣ тоҷири калонӣ!

*майи 1995*

## ҲАРЧАНД ОТАШАМ МАН

Чун рӯди кӯҳии худ пуршӯру саркашам ман,
Як пора лаъли зебо, оташ чу оташам ман.
Эй дӯст, эй бародар, эй ҳамнишину ҳамбар,
Бо ин ҳама фурӯғам ҳоло на беғашам ман.
Ҳоло на анварам ман, не лахти ахгарам ман,
Не ахтари фурӯзон, не духти маҳвашам ман.
Зеро ки лаъли кӯҳӣ дар даст лаъл гардад,
Бе коркарди дастат кай зеби баркашам ман.
Як пора лаъли зебо, Раънои оташам ман,
Бе коркарди дастат кай зеби баркашам ман?!

*августи 2005*

## ТУ, ЭЙ ХЕШИ ҲУРМУЗ

Саломат саломи яҳудист[1], эй дӯст,
Чунин тунд ой, сабаб чист, эй дӯст?
Ба қатлам бикӯшӣ, чи азми дуруште,
Ҳувайдо муродат ба зудист, эй дӯст.
Ба шавқи фурӯзон ту маргам бихоҳӣ,

[1] Гӯ янд, ки замоне яҳудиёнро одат ин буд, ки дар вақти салом додан ба муслимин ба ҷ ои “Ассалом!”, мегуфтанд “Ассом!”, яъне “Марг бар шумо!”. Ҳазрати Муҳаммад (с) ба муслимин фармуд: Чун шунидед “Ассом!”, бигӯ ед “Алайкум!”, яъне “Бар худи шумо!”.

Наӣ он, бигӯ ин шабаҳ кист, эй дӯст?
Набудӣ чунин ту, куҷои ҳамин ту?
Чунин омаданҳо зи ту нест, эй дӯст.
Туро ҷони ҷонон, будам сахт пазмон,
Сазоям чунин бенамудист, эй дӯст?
Кӣ буду кӣ гуфтат, ки бо ман ситезӣ,
Надонӣ магар ин ҳасудист, эй дӯст.
Алайкум нагӯям ба ассоми тундат,
Алайкам ҳамоно суҷудист, эй дӯст.
Ту, эй хеши Ҳурмуз, машав ҳеҷ Ҳурмос,
Ки Ҳурмос гаштан на ҷудест, эй дӯст.
Саломат агарчӣ яҳудист, эй дӯст,
Ҷавобам бароят суҷудист, эй дӯст.

*августи 2005*

## ТУРО, ЭЙ ҲАМФАРОЗИ МАН

Туро, эй баччаи Помир, умре дӯст медорам,
Туро, эй чобуку нахчир, умре дӯст медорам.
Туро, ҳарчанд гаштам пир, умре дӯст медорам,
Туро, ҳарчанд гаштӣ пир, умре дӯст медорам.
Туро эй ҳамнамози ман, туро, эй ҳамфарози ман,
Туро, тафсири бетафсир, умре дӯст медорам.
Туро, эй ҳамзабони ман, туро эй ними чони ман,
Туро, эй шамси ахтаргир, умре дӯст медорам.
Басо таҳрир дидам ҳам, ҳамоно нуқсҳо дорам,
Туро, эй марди бетаҳрир, умре дӯст медорам.
Чи ишқи бемаҳал гӯям, чи ҳарфи пурхалал гӯям,
Туро, то дер бетағйир, умре дӯст медорам.
Кӯҳистонӣ, кӯҳистонӣ, кӯҳистонии исёнӣ,

Туро, эй шери дар занҷир, умре дӯст медорам.
Туро, эй баччаи Помир, умре дӯст медорам,
Туро, эй додаи тақдир, умре дӯст медорам.

*августи 2005*

## ТАМАННО

Кош аз аҷроми улвӣ мебудам,
Ҳамнишине бо Аторуду Қамар.
Мерасидам то ба Шамсу Муштарӣ,
То ба Миррих, то ба Зӯҳрову Зуҳал.

Кош мешуд ҳамдамам ҳар шомгоҳ,
Шамс, баъди рӯзгардию висол.
Об мекард ин дили сарди маро,
Ин дили яхбаста чун Қутби Шимол.

К-ин дили ман, ин дили сармозада,
Шеваи гармӣ зи хотир бурдааст.
Бо ҳама дил буданаш дил нест ин,
Беҳарорат, бенавою мурдааст.

Кош, ай кош, аз кавокиб мебудам,
Чун ситора кош ҷолиб мебудам.
Ман зи беҷазбии хуб бемухлисам,
Кош ҷозиб, кош ҷозиб мебудам!

*майи 2005*

## АНДЕШАЕ ПЕШ АЗ ДИДОР

Бовар намекунам, ки аз он нури поки ту,
Бо ин қадар гуноҳу хато баҳравар шавам.

Бовар намекунам, ки зи дидордидаҳо,
Бо ин ҳама заифии худ як нафар шавам.
Андеша мекунам зи қудуми муборакат
Сели сиришк бораму чун баҳру бар шавам.

Шоир шавам, қасам ба рухат, шоири асил,
Ноил ба дидани руху нурат агар шавам.
Яъне зи партгоҳи аҷал бо василаат,
Дунё шигифт монаду осон забар шавам.
Бовар намекунам, ки ба покиву ростӣ,
Исботкори хеш ба кулли башар шавам.
Ҷуръат намекунам мани кӯчак ба даъватат,
Ларзад дилам, зи ларзаи худ сусттар шавам.
Бар омади саиди ту бовар намекунам,
Дар баҳри фикри хеш фурӯ ҳар қадар шавам.

*майи 1995*

## НАЁ, АСИР МЕШАВӢ

Агарчӣ сокини абад ту дар замир мешавӣ,
Ба бурдани дилам наё, ки дастгир мешавӣ.
Ки гаштаам муҳосира ба қалъаи азими рашк,
Ба дасти посбони ман, яқин асир мешавӣ.
Ту, эй туи мунири ман, туи хатарпазири ман,
Наё, ки рӯ ба рӯ ба қатли ногузир мешавӣ.
Маро ба зӯри дастҳо ба қалъа кардаанд ҷо,
Кабири ман, ба дасти қотилон ҳақир мешавӣ.
Зи дуриҳои дури худ, ба он фару ғурури худ,
Барои ман зиёд аз ҳама мунир мешавӣ.
Амиру мири ман туӣ, шаҳу вазири ман туӣ,

Агарчи умрҳо равад, агарчӣ пир мешавӣ.
Вале наё ҳузури ман, бимон ту дур, дури ман,
Наё, ки рӯ ба рӯ ба қатли ногузир мешавӣ.

*августи 2005*

## НАМЕДОНӢ, НАМЕДОНӢ

Ту, эй Заҳҳоктинат, армаилиро намедонӣ,
Ту, эй Заҳҳоксират, кармаилиро намедонӣ.
Чи сон Кова ҷигарпораст баҳри шаҳписарҳояш,
Намедонӣ, зибас ҳаргиз залилиро намедонӣ.
Ба ҳар кас кордорӣ ту, зибаски хордорӣ ту,
Чаро ки ҳеҷ дар дунё ҷалилиро намедонӣ.
Маро гуфтӣ: чаро Раъно ҷавоби ҳарфи бемаъно
Сазоеро намехоҳӣ, бахилиро намедонӣ?
Чи гӯям бар суоли ту, ба ҳарфи пурвуболи ту?
Чу ту оҳанги зебои асилиро намедонӣ.
Ҳазорон беғуборонро ғуборолуд месозӣ,
Зибаски ҳусну маънии ҷамилиро намедонӣ.
Фаронак бо Фаридунаш, Худо хоҳад, расад аз роҳ,
Ту асрори илоҳиву халилиро намедонӣ.
Дамованд интизори туст, он анҷоми кори туст,
Ту анҷоми касифию разилиро намедонӣ.
Ҷалилиро намедонӣ, ҷамилиро намедонӣ,
Чу ҳаргиз армаилӣ, кармаилиро намедонӣ!

*августи 2005*

## ИШҚИ ПОКИ МАКТАБӢ

Ишқи ман дар деҳа монд,
Ишқи сӯзони хамӯшам,
Ишқи беҷӯшу хурӯшам,
Ишқи беҳарфу сурӯшам,
Ишқи поки мактабӣ.

Ишқ, ишқе, ки фақат он ишқ буд,
Ишқи танҳо ҳамдигарро гоҳ-гоҳ
Аз дур дидан,
Пас рамидан,
Пас барои як нигоҳ
Дар худ чи рӯзоне тапидан.
Ишқи беолоише буд,
Ишқи поки матлабӣ.

Ишқи ман дар деҳа монд,
Бо яке деҳқонписар,
Ки нахонда ҷуз намозаш,
Ҳеҷ донишгоҳи дигар.
Оҳ, ишқаш чун шуураш
Пок буду тоза буд,
Ишқи поки мазҳабӣ.

Шаҳр рафтам, гашта шаҳрӣ,
Шаҳрии қишлоқие!
Дид тақдирам раво
Ишқи марди дигареро,
Ишқи поки мансабӣ.

Лек дар ёдам ҳамоно
Ишқи сӯзони хамӯшам,
Ишқи беҷӯшу хурӯшам,

Ишқи беҳарфу сурӯшам,
Ишқи ғайримансабӣ,
Ишқи поки мактабӣ,
Ишқи поки матлабӣ,
Ишқи деҳқонбачаи деҳотие,
Ишқи поки мазҳабӣ!

*августи 2005*

## ЛАҲҶААМ ФОШАМ КУНАД

Шонаҳоят такягоҳам, шеъри ман,
Шонаҳоят гирягоҳам, шеъри ман.
Ман дар ин шаҳрам ғарибу бепаноҳ,
Шонаҳоят сарпаноҳам, шеъри ман.

Ҳар қадар, ки ҷаҳдҳо чошам кунад,
Боз боде ояду пошам кунад,
Ҳар қадар гӯям манам аз нокуҷо,
Лаҳҷаи деҳотиям фошам кунад.

*майи 2005*

## АРМОНШИКАНОН

Эй дӯст, биё имрӯз армоншиканон дорам,
Дар ҷону ҷаҳони худ ман ганҷи ҷаҳон дорам.
Шаҳбаччаи зебоям бар тахти шаҳӣ биншаст,
Дар хонаи танги худ ман базми каён дорам.

Эй дӯст, биё бо ҳам шодиву ҷунун бинем,

Ғамҳои ҷаҳон яксар вожуну нагун бинем.
Хушбахтии зеборо, эй сирати ту зебо,
Як бор фузун бинем, то умри бутун бинем.

Эй сирати ту зебо, в-эй сурати ту раъно,
Имрӯз ба базми мо бо ҳусни фузунат о.
То чашми чароғонат, то нури фаровонат
Ҳамнур кунад бо худ ин маҳфили бахти мо!

*майи 2005*

## ТАНҲО МАН ОДИЯМ

Ҳамдеҳагони ман ҳама шоҳанду бегиманд,
Танҳо манам ягона, ки Раънои одиям.
Бо он ки бо маниву чӣ сон осмонӣ,
Ман боз ҳам заминиям, эй ёри бодиям.

Зеро расидаам зи азал то ба ҳеҷ ҷой,
Зеро ба пойҳои ту рафтан чӣ рафтан аст?
Чил сол шуд, ки гирд занам гирди меҳварам,
Чил соли ман муборизаи сахт бо ман аст.

Эй ёр, эй замимаи хуршед рӯи ту,
Эй ки намониям, ки ниёзе ба кас барам.
Озод кун маро ту аз ин беҳаво қафас,
Ман то ба охирин табақи осмон парам.

Ӯрдубиҳиштиям ва ҳама ёсаминиям,
Ҳамсояаам ба моҳу ба гардуни пур зи ҳур.
Эй баҳманӣ, чӣ донӣ ҳадиси гудозро,
Бо он, ки чеҳраат пури нур асту нуру нур.

Эй ёр мон, ки ман ба фалак хаймаҳо занам,

Эй ёр, ёри баҳмании сахт бодиям.
Ҳамдеҳагони ман ҳама шоҳанду бегиманд,
Ин як манам ягона, ки Раънои одиям!

*июли 2005*

## ИШҚ ДОДЕ ЗИ ХУДОСТ

Ишқро хор макун, хор шавӣ,
Хору афсурдаву афгор шавӣ.
К-он яке ганҷ зи ганҷури Худост,
Пешпояш бизанӣ, зор шавӣ.
Ишқбемор будан дарди хушест,
Солимӣ, гар ту ба он ёр шавӣ.
Ишқ дорад ҳамагӣ як қонун:
Маст шав, маст, ки ҳушёр шавӣ.
Эй ту, Раъно, фақат аз ишқ бигӯ,
То фурӯрафта ба анвор шавӣ.
Дар раҳи ишқ мубориз мемон,
Гар ба зиндону таги дор шавӣ!

*ноябри 2006*

## ОФТОБ, АЗ РУХСАТӢ БАРГАРД!

Офтоб, аз рухсатӣ баргард,
Охир инҷо зулматистон аст.
Охир инҷо чор фасли сол
Бебаҳор асту зимистон аст.
Ман ба абри баҳманӣ дирӯз
Аз мубили худ садо кардам.
Гуфтамаш: Хуршеди тобон ку?
Нест, ҳарчандаш нидо кардам.
Абр гуфто: Ҳазрати хуршед

Ин замон бар рухсатӣ рафта.
Рухсатиаш лек тӯлонист,
Бештар аз чордаҳ ҳафта.
Гуфтамаш: Телфуни дасташ чанд?
Гуфт: Ӯ кушта телефонаш,
Истироҳат рафта ҷои дур,
Ман нагӯям ҷои пинҳонаш.
Офтоб, эй офтоби ҷон,
Бе ту борониву бенурем.
Бе ту бо яъсу алам наздик,
Бе ту аз шавқу фараҳ дурем.
Улвиӣ, аммо вакили мо,
Эй банур, аз рухсатӣ, баргард.
Бозхоҳемат, зарурӣ ту,
Эй зарур, аз рухсатӣ баргард.

*декабри 1999*

## НУРИ ИЛОҲӢ

Эй қиблаи имони ман, эй нури Илоҳӣ,
Аз олами наздик ва ё дури Илоҳӣ.
Боре, ки чу хуршед ба мо рӯй намудӣ,
Бар гармии хуршеди фалак нур фузудӣ.
З-он дидани яклаҳза якумрӣ шудаам маст,
Ҳамроҳи дилам аз пайи ту сабр шуд аз даст.
Он соати фархундаву он рӯзи ҳумоюн
Дигар зи хаёлу назарам чун биравад, чун.
Сар то қадами ту чӣ қадар нуру зиё буд,
Он маъҷизи зоҳиршуда ё ин ки Худо буд.
«Эй нури Худо дар назар аз рӯи ту моро,

Бигзор, ки дар рӯи ту бинем Худоро»[1].

*майи 1998*

## ШАБОЛУД ОМАДӢ

Дар субҳи бахти ман ту шаболуд омадӣ,
Бешустушӯ зи манзили пурдуд омадӣ.
Ҳарфи муҳаббатам ба лабам торумор гашт,
Чун бо ситез, зишт чу Маҳмуд омадӣ.
Мехостам, ки омада бо худ дилам барӣ,
Оре, ки омадиву чи бесуд омадӣ.
Охир барои бурдани дил инчунин наё,
Гӯё барои бурдани амруд омадӣ.
Аз он сӯе, ки омадаӣ, бозпас бирав,
Аз он сӯе, ки хушдилу масъуд омадӣ.
Эй бевузӯ, дар омаданат рамзи рафтан аст,
Яъне на бар дуруд, ба падруд омадӣ.
Ҳурмуздмазҳабии ту, ҷоно, куҷо шуда,
Ҳурмоскеш гаштаву беҷуд омадӣ.
Дар субҳи бахти ман ту шаболуд омадӣ,
Гӯё барои бурдани амруд омадӣ.

*июли 2005*

## САВОЛ БА ЁР

Аз кишвари мо рафта, пушаймон шуда бошӣ?
Бар нағмаи порина ту пазмон шуда бошӣ?

---

[1] Байт аз Ҳилолист.

Аз рафтанат аз манзили саршори муҳаббат,
Эй, ёр, пушаймон шуда, гирён шуда бошӣ?
Эй нусхаи хуршед, дар он мулки заминӣ,
Муштоқи рухи духти кӯҳистон шуда бошӣ?
Гумкардаи сомонаву сомону сарам ман,
Ту соҳиби сомонаву сомон шуда бошӣ?
Эй дур,ту, эй нур, ту, эй ҳур, ту, эй зӯр ,
Огоҳ зи аҳволи заифон шуда бошӣ?
Як вақт будӣ ошиқи чашмони кабудам,
Ёдовари ин ранги дурахшон шуда бошӣ?
Эй нусхаи хуршед, дар он мулки заминӣ,
Пазмон ту ба Раънои Бадахшон шуда бошӣ?

*майи 2000*

## МАН ОМАДАМ

Ҳарфро тайёр кун, ман омадам,
Шавқро бедор кун, ман омадам.

Маст бошад, паст бошад, фарқ не,
Ҷумларо хушёр кун, ман омадам.

Табл зан дар кӯю барзан,табл зан,
Хонаро бозор кун, ман омадам.

Бас дигар коҳидарӯӣ, бас дигар,
Чеҳраро гулнор кун, ман омадам.

Аз сурайёям равон сӯи саро,
Тарки ҳар хушдор кун, ман омадам.

Бас баландӣ, таҳнишинӣ мекунам,
Зерро ҳамвор кун, ман омадам.

Меҳри андакро нахоҳам, эй азиз,
Меҳрро бисёр кун, ман омадам.

Аз кӯҳистон омадам, аз тори кӯҳ,
Нак, қабули бор кун, ман омадам.

*июни 2003*

# ОФТОБИ ШАБ

## НИДОИ РОҒУН

*Нерӯгоҳи Роғун ҳастии миллати мо ва*
*ҳаёту мамоти давлати Тоҷикистон аст!*
***Эмомалӣ Раҳмон***

Хокиӣ ё улвиӣ, эй он, ки аз дур омадӣ,
Ҳодиӣ ё одиӣ, ки сахт пурнур омадӣ.
Ношиносӣ ё шиносе аз шиносони қадим,
Ҳаркӣ бошӣ, хуш биё, дар сурати ҳур омадӣ.

Ҳаркӣ ҳастӣ, омадат мастур бод, эй омада,
Мақдамат пайки сапеди нур бод, эй омада.
Ҳастиям аз омади мастури ту масрур шуд,
Омадат масруру пур аз сур бод, эй омада.

Эй расида, чеҳраат дорад фурӯғи нуқрагӣ,
Нуқрагӣ доим бимон дар ҷодаи тобандагӣ.
Зиндагонӣ арсаи созандаву сӯзандаҳост,
Бод умре азми ту, эй омада, созандагӣ.

Хокиӣ ё улвиӣ, зебову мастур омадӣ,
Субҳсурат, субҳманзар, субҳманзур омадӣ.
Ношиносӣ ё шиносе аз шиносони қадим,
Ҳаркӣ бошӣ, хуш биё, дар сурати ҳур омадӣ.

*январи 2010*

## ОҲУИ МАРДУМНАДИДА

*Гар мегурезам аз назари мардумон, Раҳӣ,*
*Айбам макун, ки оҳуи мардумнадидаам.*
***Раҳии Муҳайярӣ***

Ҷуз кӯҳу кӯҳу кӯҳ дигар ман чӣ дидаам?
Ҷуз сангу сангу санг зи хокам чӣ чидаам?
Ҷуз ранҷу ранҷу ранҷ миёни ҳисори кӯҳ
Аз умри даршитоб чиҳо ман харидаам?!
Дунё надидаам ба ҷуз аз хонақоҳи хеш,
Дар хештан фурӯву зи дунё буридаам.
Умрам зи сивупанҷ ба боло уруҷ кард,
Аммо ба ҳеҷ манзилу дил норасидаам.
Аз лаълу лоҷварду ақиқи диёри худ
Аз мардумони олами берун шунидаам.
В-инак, ба шаҳр боядам абрешимӣ шудан,
Аз шарм гирди хеш аз ин рӯ танидаам.
Вақту фазо тавонадам абрешимӣ кунад,
Ҳоло валек оҳуи мардумнадидаам!
*феврали 2005*

## ИСТИҚБОЛИ СУБҲ

Субҳи зебо, аё даричаи рӯз,
Ин туӣ интиҳои хуфтанҳо,
Ин туӣ ибтидои гуфтанҳо,
Гуфтану раҳ ба раҳ шукуфтанҳо.

Омадӣ боз аз каронаи шаб,
Аз диёри сукути пур аз ҳур,
Аз диёри ситорагони банур,
Аз диёри надида то ба ҳанӯз

Рӯи хуршеди рӯзгарди булӯр.

Омаданҳои ту фузунам кард,
Накҳатат масту сарнагунам кард,
Мақдами нарми махмалиат боз
Нарм аз зоҳиру дарунам кард.

Субҳи зебои Тоҷикистонам,
Субҳи нуронии хуморолуд,
Кош ҳарбора мондагор шавӣ,
Пур зи нилуфари баҳор шавӣ,
Пур зи сабзидану нумӯъ кардан,
Пур зи хушрӯтарин навор шавӣ.

Дар ниҳодат, ки сабзу мавзун бод,
Он чи хушрӯст мон, ки афзун бод,
Он чи бадрӯст мон, ки берун бод.
Субҳ, эй субҳи нуқрагини сапед,
Омаданҳои ту ҳумоюн бод!

*сентябри 2005*

## МАҶЛИСИ ПАРАНДАҲО

Парандаҳо, ки дар нишемане нишастаед
Чун ба маҳфиле,
Маро ба маҷлиси васеи худ
Дигар хабар кунед.
Зи ман чӣ мерамед,
Эй азиз ҷонварон,
Нигоҳи худ ба самти ман дигар кунед.
Ки низ чун шумо шудан ҳавас кунам,
Ҳавас раҳо шудан аз ин қафас кунам.
Ки ин қафас, ки зиндагии одамист номи он,
Маро тамом маҳв кард.

Дилам, ки хост зиндагии одамӣ,
Чи саҳв кард.

Парандаҳои безабон,
Парандаҳои ҷон,
Усули маҷлиси шумо
Ба ман хуш аст.
Нишастатон чи сода асту дилкаш аст.
Дар фазои дилкушо,
Дар миёни боғҳо.

Парандаҳои безиён,
Парандаҳои ҷон,
Раҳам диҳед
Узви маҷлису раёсати шумо шавам
Ва ҳамсиёсати шумо шавам.
Бас аст одамии ман дигар, бас аст,
Ки оқибат дар ин қафас
Хазанда мешавам.
Бас аст, хайр одамон, хайр,
Паранда мешавам дигар, паранда мешавам!

*майи 2004*

## ЭЙ ШАҲР

Рӯи ман музофотӣ,
Мӯи ман музофотӣ,
Бӯи ман музофотӣ,
Ишқи ман, умеди ман,
Шӯи ман музофотӣ.
Омадам ба сӯи ту,

Нобалад ба рӯи ту,
Нобалад ба бӯи ту,
Аз шунидаҳоям буд,
Ки васест кӯи ту.

Узр, шаҳри ишқошӯб,
З-ин вуҷуди номатлуб,
З-ин падидаи нохуб,
З-ин расидани хира,
З-ин намуду ин услуб.

То туям ғазал овард,
Тангии маҳал овард,
Ҳолати дағал овард,
Бо умеди бишкуфтан
Кӯшишу ҷадал овард.

Аз яке харoботе,
Аз яке музофоте,
Омадам, вале бар ту
Омадан мукофоте?
Ё яке муҷозоте?

*сентябри 2003*

## РАХТИ САФАР

Дарвозаро бибанду бигӯ бар ҳар омада
Дар ин маҳалла нест дигар он, ки дӯш буд.
Рафта аз ин макон ба маконе фарохтар
Духти муборизе, ки саропо сурӯш буд.
Оре, макони танг на ҷавлонгаҳи ман аст,

Мебоядам ба шаҳри пур аз шӯр рахт баст.
Дар байни чор кӯҳи ба хоби гарон фурӯ
Будан барои чун мани бедор сахт аст.

Дар ин диёр, дар ҳарами маҳбасии худ
Ман занг баста, зангзада хӯрда мешавам.
Зери фишори сояи кӯҳҳои тирасар
Озурда мешавам, бахудо, мурда мешавам.

Ман меравам, бимон ту ва ё ҳарду меравем,
Дарвозаро ба рӯи ҳама банд, банд, банд.
Шаҳри калон бибоядаму ҷодаи васеъ,
Ин ҷой монда мурда будан боз чанд, чанд?
*августи 2002*

## ХОСТАНИ АБАС

*Мехостам баҳор шавам дар канори ту,*
*Лабрези баргу бор шавам дар канори ту.*
***Ваҳҳоби Муҷир***

Мехостам, нигор шавам дар диёри ту,
Ҳамшеваи ҳазор шавам дар диёри ту.
Ҳамзоди навбаҳораму ҳамроҳи як баҳор
Мехостам баҳор шавам дар диёри ту.
Аз зери тӯри шарм ва тӯри ҳарири худ
Сомеи «Ёр-ёр» шавам дар диёри ту.
Бемеҳри ман, нашуд ҳама ин, лек ман ҳанӯз
Хоҳам гули анор шавам дар диёри ту.
Пайку паёми тирамаҳам даррасид, лек
Хоҳам, ки гулнисор шавам дар диёри ту.

Ҳарчанд хонадораму саршори баргу бор,
Хоҳам, ки хонадор шавам дар диёри ту!

*феврали 2005*

## ТО ФИТР НАЁ

Ман рӯзааму майл ба ифтор надорам,
Бо рӯзахӯрон хоҳиши гуфтор надорам.
Хоҳам, ки ба сӣ рӯз ҳаме гушна нишинам,
Аз гушнагиям шикваю озор надорам.
Зеро ки гуноҳони ман аз мӯй фузун шуд,
Бо сад гунаҳам оқибати кор надорам.
Шайтоннафасӣ, сӯи ман асло манигар ту,
Ман вақт ба шайтони гунаҳкор надорам.
Аз чор ҷиҳат нафси ҳаромам ҳама қулф аст,
Рағбат ба касе ҳаргизу зинҳор надорам.
То фитр наё, ёр наё пештар аз ид,
То фитр ҷуз аз тавба дигар кор надорам.
Ман рӯзааму майл ба ифтор надорам,
Бас, бас, ки дигар фурсати такрор надорам.

*январи 2005*

## ТО ФАСЛИ ХУМОР АСТ

Ин рафтани новақти ту он рафтани пор аст,
Ин рафтани то во шудани ғунчаи нор аст.
Бас тавба бигӯ, ки биравӣ то ба қиёмат,
Ин рафтани ту рафтани то фасли хумор аст.
Рафтан зи ман осону вале тоқати онро
То дер муяссар на ба ҳар марди баор аст.
Гар сахт чу оҳан бувад он лаҳми дили ту,
Ҷисмам ҳама миқнотиси оҳанкаши зор аст.

Гар меравӣ, охир ба кадом рӯй пас ойӣ?
Ин манзара шармандатарин саҳну навор аст!
Эй ёр, ту эй ёри пур аз нозу ниёзам,
То ҳол надонӣ, ки маро сахт мадор аст.
Ин рафтани новақти ту айёми наҳор аст,
Ин рафтани то шоми наву фасли хумор аст.

*январи 2005*

## БА КӢ ГӮЯМ?

Ман рози ниҳон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?
Аз ранҷи замон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?
Аз хории худ, зории худ, ёрии ношуд,
Аз ҷабри касон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?
Аз он, ки надорам ҳунари зистан имрӯз,
Аз сустии ҷон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?
Аз он ки кунун давр ба коми ғару ғук аст,
Аз зиштии шон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?
Дам кардаам аз оҳу кафидан шуда наздик,
Аз сабри гарон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?
Танҳо туиву тоқати бишниданамат аст,
Раъно, зи ғамон бо ту нагӯям, ба кӣ гӯям?

*августи 1996*

## БИЁ, ТО НАРАВАМ

Дигаре моили ман аст, биё, то наравам,
Хостгори дили ман аст, биё, то наравам.
Ту сухандон наиву ин ба сухանпардозӣ
Булбули ноқили ман аст, биё, то наравам.
Решааш аст агарчӣ зи табори шоҳон,

Толибу соили ман аст, биё, то наравам.
Ту ҳама умр маро зулм раво мебинӣ,
Ин вале одили ман аст, биё, то наравам.
Ту зи маънӣ ба канориву ба ҷаҳлӣ наздик,
Ин вале фозили ман аст, биё, то наравам.
Инчунин ҳадяи хубе, ки фаро шуд, шояд
Аз Худо нозили ман аст, биё, то наравам.

*январи 2005*

## БЕҲУДА

Ҳар қадар аз ту гурезам, ҳамааш беҳуда,
Ҳар қадар бо ту ситезам, ҳамааш беҳуда.
Дар раҳи бо ту будан ё набудан, кайҳо боз
Ҳар қадар афтаму хезам, ҳамааш беҳуда.
Шеър, гар баҳри бузургиву сӯят то ба ҳанӯз
Норавон мисли Сарезам, ҳамааш беҳуда.
Вақт шуд, боядам оҳиста кунун раҳ бикушуд,
Варна кам-кам, ки нарезам, ҳамааш беҳуда.
Оҳ, Раънои азизам, бари кӯмак, ҳайҳот,
Кӯшиши дер ва тезам, ҳамааш беҳуда.
Боядам роҳ кушуд аз тарафе ҷониби баҳр,
Варна то мисли Сарезам, ҳамааш беҳуда.

*январи 2002*

## ТАВАККАЛ

Пас аз ин ҳарчӣ шавад ҳам, ҳадафе пеша кунам,
Дигар аз оқибати кор чӣ андеша кунам?!
Бас, дигар фикри равам ё наравам аз деҳи

худ,
Бас дигар, фикр на аз беху на аз реша кунам.
Оҳ, ман санг шудам дар деҳи сангистонам,
Меравам, фикр на аз дашту на аз беша кунам.
Гуфтиям рафтани ту теша ба реша задан аст,
Меравам фикр на аз теғу на аз теша кунам.
Меравам шаҳри калон, боз чӣ андеша кунам,
Ин магӯ лек ба он ҷо абадӣ реша кунам!

*майи 2003*

## БЕ ТУ

Он қадар рафтани ту аст гаронам, эй дӯст,
Ки дигар сӯи фано зинда равонам, эй дӯст.
Ки дигар чор аносир ҳама бар ман ҳеҷанд,
Ки дигар пир шудам, гарчӣ ҷавонам, эй дӯст.
Бе ту ин шаҳр на чун шаҳр, дигар наҳре аст,
Рӯи ин наҳр чу як барги хазонам, эй дӯст.
Рафта сӯи дигарон, карда маро ҳай нигарон,
Чи кам, аммо ту бигӯ, аз дигаронам, эй дӯст.
Ё зи тӯмори азизи ту чунин баста шудам,
Ки тагорӯ шуда пинҳону аёнам, эй дӯст.
На ба раънoии худ моили хешат кардам,
На мубориз буданам дод тавонам, эй дӯст.
Чи Мубориз ва чи Раъно шудаам, вoйи мане,
Ки яке гӯл зи ман бурд забонам, эй дӯст.
Он қадар рафтани ту аст гаронам, эй дӯст,
Ки дигар шеър надорам, ки бихонам, эй дӯст.

*июли 2007*

## МАН АЗ ТУ ЗӮРТАРАМ!

Ҳадиси бод магӯ, ин қадар зиёд магӯ,
Ба меҳр ҳарф бизан, бехудона дод магӯ.
Бубин, ки шеъри ман аст ин, ки рӯбарӯи ту аст,
Ту бедилона варо навтарин мавод магӯ.
Туи бузург биғунҷӣ ба шеъри кӯчаки ман,
Ҳудуди шеъри маро тангу ҳарзазод магӯ.
Ман ориёияму аз нажоди хубонам,
Маро зи ҳар насабеву зи ҳар нажод магӯ.
Муборизи раҳи ишқам мани назарногир,
Маро ба фанни муҳаббат ту бесавод магӯ.
Ба он ки кӯҳи бузургӣ, ба он ки мушти парам,
Ман аз ту зӯртарам, ёри ман, наход магӯ!

*марти 2007*

## ҲАДИСИ ТАҚДИР

Хуршед ба тори сар балогардон аст,
Дил моили мулки дури кӯҳистон аст.
Хоҳам, ки даме сӯи ғизолон биравам,
Алъон биравам, вале куҷо имкон аст.

Эй шамс, саломи ман ба Помир бубар,
Бар кӯҳи баланди кабку нахчир бубар.
Дур афтодам, чи гуна дур афтодам,
Бар зодгаҳам ҳадиси тақдир бубар.

Ҷону тани ман ба шаҳр саргардон аст,
Дар сина вале ҳавои кӯҳистон аст.
Ҳастам дигару дигар будан маҷбурист,
Эй дӯст, муборизӣ магар осон аст?!

*декабри 2006*

## ЗАМИМАИ ХУРШЕД

Эй рӯи ту замимаи хуршеди осмон,
Ин ҷо дигар бимон.
К-ин минтақа ба нури ту дорад ниёзҳо,
Ин минтақа, ки ҳаст шуда дар фарозҳо.
Ин минтақа, ки пур шуда аз сӯзу созҳо,
Ин минтақа, ки монда ба зулмоти тирае,
В-ин ҷо на барқ асту
На хуршеди бедиранг.
В-ин манзили бананг
Безори сангу санг.
К-аз санги худ, ки зеби ҷаҳони бурун бувад,
Худ баҳрае набурдаву монда ба ҳоли танг.

Эй офтобзод!
Эй нуриённасаб!
Аз ин диёр рафтани ту нораво бувад,
Падруди ту ба мардуми ин ҷо ҷазо бувад.
Аз рафтанат зи тира музофоти беҳаёт,
Эй қосиди наҷот,
Ҳатто, гумон кунам, ки Худо норизо бувад.

Эй ёри дастгир,
Эй ҳастии мунир!
Мӯҳтоҷи нур аст
Ин мардуми фақир!
Эй рӯи ту замимаи хуршеди осмон,
Эй Ҳотами замон,
Ин ҷо дигар бимон.

*феврали 1996*

## ҶАВОНИИ БАЪДИ ПИРӢ

Иншооллоҳ, ҳаёти ман хуштар шуд, иншооллоҳ!
Ранҷам чу камол дид, ганҷовар шуд, иншооллоҳ!
Аз баъди чи нағмаҳои пурозоре, оре, оре,
Оҳангари ёри ман дигар заргар шуд, иншооллоҳ!
Бечораи шеъри ман ба сад душворӣ, бо сад хорӣ,
Кӯчида ба зеҳни мардум аз дафтар шуд, иншооллоҳ.
То ҳол бигуфтаму набишнид касе, нашнид басе,
Акнун шунаво ҷаҳони гунгу кар шуд, иншооллоҳ!
Дигар ҳама гуфтаҳои бинҳуфтаи ман, нашкуфтаи ман,
Имрӯз ба аҳли дӯстон азбар шуд, иншооллоҳ!
Аз баъди хазону пирии пурармон, шукрат, Яздон,
Иншооллоҳ, баҳори умрам сар шуд, иншооллоҳ!

*майи 2004*

## ПАЗМОН

Ай боди ҷануб, нағмагар меоӣ,
Аз ҷониби даргаҳи падар меоӣ.
Пазмонам аҷаб ба зодгоҳам, ай бод,
З-он кунҷи Ватан бо чӣ хабар меоӣ?

Ин шеъру ғазал зи манзилам дурам кард,

Ноҷӯрам кард, гарчи машҳурам кард.
Ин ҷо манаму ҳамешагӣ ёди ҳазин,
Ёди пури ҳузн сахт ранҷурам кард.

Дурӣ зи насаб аҷаб гарон аст, эй бод,
Бо сад чаманаш ба ман хазон аст, эй бод.
Пайвастаи сад касу ҳазорон нокас,
Вобастаи бадтарин ғамон аст, эй бод.

Эй бод, ки панҷа мезанӣ бар дари ман,
Пайғом магар биёрӣ аз модари ман?
Дар мавҷи ту савти пасти «Даргилик» аст,
Сӯзондияму бибар ту хокистари ман.

*июли 2003*

## ПУШАЙМОНӢ

Санге бигиру бар сари ман бишкан,
Санге зи сангҳои кӯҳистонам.
Ки рафтаам ба ҷониби шаҳристон,
Дунболи орзуяму армонам.

Санге бигиру бар сари ман бишкан,
Ки лоиқам дигар ба ҷазое сахт.
Войи мани гурехта аз тақдир,
Аз зодгоҳи хеш бичида рахт.

Ғофил аз он, ки тахти ману бахтам,
Санги сабури мулки кӯҳистон аст.
Ғофил аз он, ки шеъри музофотӣ
Ҳамрози рову чукриву торон аст.

Санге бигиру бар сари ман бишкан,
Ки умр рафту зор шудан дорам.

Оре, мани гуреза зи сангу кӯҳ,
Иршоди сангсор шудан дорам.

*августи 2004*

## ФАСЛИ ПИРӢ

Ҷониби боғи умри ман
Ҳай нафаси шито расид.
Мӯи чу сабзаи маро
Дасти хазони зард чид.

Фасли фаро шудан гузашт,
Фасли фурӯ фаро шуда.
Хонанишинакам дигар,
Хона аламсаро шуда.
Бурд саманди рӯзҳо
Ҳусни ман аз бисоти ман.
Пайкари ёсамин ку?
Пайкари беҳаёти ман.

Аз чӣ касе гирифтаӣ
Ному суроғаи маро?
Рост вале бигӯ фақат
Мавсими омада фаро!

*январи 2005*

## МАШАВ ТУ ПИР ДИГАР

Салом, эй, ки азизӣ зи ҳар азизи дигар,
Салом, эй, ки зи ҳаркӣ бануртар ҳастӣ,
Салом, эй зи ҳама аввалу муқаддастар,
Салом, эй модар!

Салом!

Ман ба саломи ту ҳар саҳар оям,
Ва ҳар саҳар ба хаёлу ғами дигар оям,
Ту пир мешавию ваҳми ман зиёда шавад,
Ту пир мешавию ман зиёдтар оям,
Машав ту пир дигар.

Машав ту пир, ки дилгиру хастаҷон гардам,
Заифу оҷизу пажмурдаву хазон гардам.
Агарчӣ номнависам ҳамекунад пирӣ,
Агарчӣ умри ман аз пушти умри туст равон,
Машав ту пир, ай ҷон,
Ки ман зи пирии ту пир мешавам, модар,
Машав ту пир дигар,
Машав ту пир дигар!

*феврали 2002*

## БАҲОРИ ТОЗАҚИЁМ

Оҳ, Раънои қадим,
Аз дигар ҳарза магӯ,
Ҳарзагӯии ту бас.
Мон, ки ман ҳам сухане оғозам,
Сар кунам эъҷозам,
Сар диҳам овозам.
Бас дигар абр шуданҳо
Ба раҳи парвозам!

Эй ту, эй омада аз асри куҳан,
Бо куҳан хислату бо кӯҳна сухан.

Чашм бикшову нигар
Асри наве оғозид,
Асри ҷавлонгаҳи ман.

Оҳ, Раънои куҳан,
Бас дигар ҳарзаи ту.
Гӯш кун, шеъри нават мегӯям,
Шеър, ки шеър аст он,
Шеъри зебо чу гули кӯҳистон.
То чунон маст шавӣ, паст шавӣ,
Пас фитода ту аз он шаст шавӣ.
То ки иқрор шуда баргӯӣ:
Оре, оре, оре, ин чӣ ширин гӯяд,
Мон, ки ман бас кунаму ин гӯяд!

*июли 2004*

## НА ХАЙРУ НА САЛОМ

Меравам дӯст, на хайру на салом,
Не шурӯъ шуд сухани ман, на тамом.
Не шудам шоиру не ношоир,
Шеъри ман буд на гоҳе, на мудом.

Бас дигар гуфтани ман, будани ман,
Бас дигар гуфтану н-осудани ман.
Бас дигар сардии ҳамвораи ту,
Бас дигар кӯшиши афзудани ман.

*январи 2004*

## ЭЙ СУБҲИ ФАРОРАСИДА

Эй субҳи фарорасида, хуш бош,
Аз шом ҷафокашида, хуш бош.
Аз баъди талошҳои афзун,
Аз зулмати шаб раҳида, хуш бош.
Саршори насими анбаринӣ,
Эй накҳати нав шамида, хуш бош.
Бо марҳамати накӯи ваҳдат
Хушрӯву накӯдамида, хуш бош.
Дар мулки азизи ман амонист,
Меҳмони диливу дида, хуш бош.
Дар кишвари сабзи ваҳдатобод,
Эй тозатарин падида, хуш бош.
Сӯям нигарӣ чу ошное,
Эй номи маро шунида, хуш бош.
Эй субҳи фарорасида, хуш бош,
Эй номи маро шунида, хуш бош!

*сентябри 2000*

# СУКУТИ ПУРОВО

## ШОҲРОҲИ ВАҲДАТ

*(Ба ифтихори ифтитоҳи шоҳроҳи Душанбе—Хоруғ—Қароқурум)*

Тоҷикистон, ки ваҳдатистон шуд,
Чашми олам ҳама сӯи он шуд.
Гашт пайваст бо ҷаҳон Ватанам,
Раги пайванди он кӯҳистон шуд.

Раҳи ваҳдат раҳи умеди Ватан,
Раҳи ояндаи сафеди Ватан.
Сӯи мулкони бекарони ҷаҳон,
Раҳи ваҳдат раҳи ҷадиди Ватан.

Рӯзгори накӯ муборак бод,
Як ҷаҳон орзу муборак бод.
Тоҷикистон, диёри ғамдида,
Рӯзи шодии ту муборак бод!

Рӯзи шодии ту зиёд шавад,
Мардумат ҷовидона шод шавад.
Тоҷикистони ваҳдатободам,
Иттиҳоди ту умрбод шавад!

*апрели 1998*

## ОЯТИ ИХЛОС

*Эҳдо ба устод Сайидалӣ Маъмур*

*Эй марди шариф, марди боному бананг,*
*Ғамхор ба фарҳангу ба аҳли фарҳанг.*
*Бигзор ба санг пешпоӣ бихӯрад,*
*Ҳар кас, ки ба рӯи роҳи ту гардад санг.*

***Сайидалӣ Маъмур***

Устод, зи ҳар бафазл бофазлтарӣ,
Ғамхортарӣ зи ҳар касе бар фарҳанг.
Сад сол бизӣ ба хотири шеъри аҷам,
Сад сол бизӣ чу марди боному бананг.

Аз санг магӯ, ҷаҳон пури дилсанг аст,
Чун санг фузун шавад, куҷо оҳанг аст?!
Кам дидаму то ба ҳолиё меҷӯям
Он фардеро, ки чун ту бофарҳанг аст.

Аз ҳарфи бирешимии пурмаъноят,
Бигзор ҷаҳон сарои маъно гардад.
Бигзор зи шамси рӯи нуронии ту
Рӯшан раҳи сад ҳазор Раъно гардад!

*сентябри 2004*

## РАНҶИ ШОИР

То хатову нуқси шеърам кам-камак маҳдуд шуд,
То каломам пок андак аз каму камбуд шуд.
Шаҳпари илҳоми ман то босахову ҷуд шуд,

Ҳарфи боронии ман ҷорӣ ба сӯи рӯд шуд.
То қатори шоироне номи ман мавҷуд шуд,
Ин фишори хуни ман сӯи само чун дуд шуд.
Ин қадар пурхавф гашта роҳи шеъру шоирӣ,
Он тарафро буд кардам, ин тараф нобуд шуд.

*феврали 2005*

## МАРДИЯМРО МЕБАРӢ

Мардикорӣ меравӣ ту, мардикорӣ меравӣ,
Баҳри ёрӣ ҷумла зорӣ, ҷумла хорӣ меравӣ.
Меравӣ саркӯб аз имкони нохуби замон,
Оҳ, услуби замон!
Охирин мард аз деҳи шабзиндадорон меравӣ,
Аз диёри сангбезори кӯҳистон меравӣ,
Баҳри пайдо кардани нон меравӣ,
Ҷон ба каф бигрифта беҷон меравӣ,
Эй муҳоҷир, лолу ҳайрон меравӣ,
Қувваи кории арзон меравӣ.

Чист дар мулки ғарибӣ интизори рафтанат?
Кист дар мулки ғарибӣ интизори рафтанат?
Эй бародар, сӯхт ҷонам аз қарори рафтанат,
Аз қарори бовиқори рафтанат.

Дардҳо мемониву ҳамдардиямро мебарӣ,
Бо талоше, ки сукуту сардиямро мебарӣ.
Эй бародар, соҳиби диплому унвони зиёд,
Гарчи худро мард мегуфтам қатори мардҳо,
Мардикорӣ меравию мардиямро мебарӣ.

*майи 2004*

# БА МАРДОНЕ, КИ ҶОҲИЛАНД

*Нақл мекунанд, ки арабҳои саҳронишин аз доштани духтар, ки ба ҷангу забткориҳо қодир нест, ҳазар мекарданд. Қабилае, ки дар куштори духтарон ҳамто надошт, тоифаи Бани Тамим буд. Қайс ибни Осим - намояндаи ин қабила аз касонест, ки нахустин шуда ҳамаи духтарони худро зиндадаргӯр кардааст.*

Оҳ, мардоне, ки чун Қайси араб
Зиндагӯрам мекунед,
Лолу кӯрам мекунед.
Ҳар куҷое даст доред,
Аз мукофоту зи мансаб,
Бо усули мухталиф,
Маҳруму дурам мекунед.
Бас хушунат, бас ҷафо, эй мардҳо,
Бас фиребу ваъдаҳо,
Бас дурӯғи ошно,
Бас ҳама ин абр будан
Дар раҳи парвози мо.
Чун ду узви як бадан ҳастем гар,
Мисли ҷону мисли тан ҳастем гар,
Аз азал мардед, зан ҳастем гар,
Ҳарду инсонем охир, ҳарду махлуқи Худо.
Пас чаро худро баланд аз мо шиносед?
Узр мехоҳам, валекин,
Носипосед, ай азизон, носипосед!

*январи 1990*

## ЗӮРТАР АЗ БӮҲРОН

Ба як хавоси парешон баҳор омаду рафт,
Пур аз ҳаводису тӯфон баҳор омаду рафт.
На сабзияш ба дилам сабт шуд, на як савташ,
Хунук чу фасли зимистон баҳор омаду рафт.

Чаҳор фасл ҳама якмарому якранганд
Дар ин замона, ки пур аз навои бӯҳронист.
Агарчӣ ҳаст ба тақвим фасли тобистон,
Вале, дугона, ҳамоно ҳавои бӯҳронист.

Миёни ин ҳама берангҳо карахтам ман,
На одаме, ҳамагӣ безабон дарахтам ман.
Агарчӣ лек карахтам, агарчӣ лек дарахт,
Зи бодҳо нафитам, чунки сахти сахтам ман!

*январи 1997*

## ЁРИ МУҲОҶИР

Дар фасли барфу бахман
Ёрам, чӣ ҳол дорӣ?
Дар он канори дунё
Ёре ҳалол дорӣ?

Бӯҳрону тангдастӣ
Бурду муҳоҷират кард.
Ҳамроҳи бахши аъзам
Марди мусофират кард.

Эй мардикори ночор,
Эй хор, хор, эй хор,
Эй аз таҳаввули рӯз
Бишкаставу шуда зор.

Кай мешавад паси сар
Мӯҳтоҷиву гадоӣ?
Кай мерасем, эй вой,
То сатҳи худкифоӣ.

Чун фасли гарм он ҷо
Ҳоли завол дорӣ.
Пас фасли барфу баҳман,
Ёрам, чӣ ҳол дорӣ?!

*феврали 2005*

## ПИРДУХТАР

Навбаҳор, эй навбаҳор,
Ин сафар борам биёр,
Як нафар ёрам биёр,
Марди ғамхорам биёр,
Лутф мехоҳад дилам,
Лутфи бисёрам биёр.

Чил баҳор аз сар шуду
Ин сарам бе сарвар аст,
Ин дилам бе дилбар аст,
Шоми ман бе ахтар аст,
Исму ҷисми поки ман
То кунун каснохар аст.

Ёри ҳамдинам бидеҳ,
Шахси бекинам бидеҳ,
Тахти зарринам бидеҳ,
Тоҷи симинам бидеҳ,
Пирдухтар мешавам,
Ҷуфти ширинам бидеҳ.

Навбаҳор, эй навбаҳор,
Навбаҳори бахтиёр,
Навбаҳори ғамбарор,
Навбаҳори хушнавор,
Рӯзи Наврӯзи азиз
Бахт бар ман ҳадя ор.

*марти 2008*

**БЕГОНА ШУДӢ**

*(Барои фарде, ки рӯзони сахти Ватан рӯ ба мулкони осуда овардаву инак бозомада)*

Эй рафта ту чанде пеш
Аз шаҳри карахти ман.
Аз динаи мӯҳтоҷӣ,
Аз динаи сахти ман.
Имрӯз чӣ мехоҳӣ
Бо омади новақтат?
Мӯҳтоҷи ҳузурат нест
Имрӯзи бабахти ман.

Бо он ҳама рафтанҳо
То мамлакатони хуб,
То зиндагии марғуб,
Ман ҷозибу ту маҷзуб,

Ман ғолибу ту мағлуб,
Ман соҳибу ту саркӯб.

Эй омада хуш о, лек
Бегона шудӣ дигар
Бар манзилу тахти ман,
Бар сангу дарахти ман,
Бар пораю лахти ман.
Эй рафта ту чанде пеш
Аз динаи сахти ман,
Мӯҳтоҷи ҳузурат нест
Имрӯзи бабахти ман!

*феврали 2004*

## САЛОМ, ПИРӢ!

Дигар ба ҳифзи ҷамолам ман иқтидор надорам,
Ба гуфтани ғазале шавқ ин баҳор надорам.
Дигар хумори нишастан ба ин диёр надорам,
Аз ин диёр бибояд ҷудо шавам, эй дӯст!

Дигар куҷо нафаре, ки маро сурур фиристад,
Куҷо базеби бануре, ки мавҷи нур фиристад.
Ҷуз офтоб, ки нураш зи мулки дур фиристад,
Аз ин канор бибояд раҳо шавам, эй дӯст!

Салом, пирии хира, саломи ваҳмолуд,
Зи диданат чи ғаминам, туӣ чаро хушнуд?
Салом, мавсими зишти пур аз дусад камбуд,
Аз ин баҳор бибояд фано шавам, эй дӯст?!

*июли 2004*

# САНГИ САБУР

## НОМА БА АФҒОНИСТОН

*(Ба румоннависи ҷавон Маҳсо Тоеъ)*

Ин замон, ки сарзамини Кобулат
Аз толибон озод шуд.
Дар куҷой ҳамраҳи Меҳроби худ?
Ҳамраҳи шаҳбаччаи бехоби худ?

Хоҳарам, ай хоҳари хушрӯи ман,
Хоҳари ҳақгӯи ман,
Эй, ки табъи ту равон чун рӯди Панҷ аст,
Эй, ки домони диёрат пур зи ганҷ аст,
Эй, ки мулки ту вале
Аз ганҷҳои худ ба ранҷ аст.

Хор буду хортар шуд
Кобулу Балху Самангон,
Қундузу Бағлону Парвон,
Дӯшию Солангу Хинҷон,
Пули Хумриву Бадахшон,
Эй дареғи марзи афғон!

Душманони кишвари ту нест бодо,
Соҳибистиқлол бошӣ, хоҳари ман,
Соҳиби иқбол бошӣ, хоҳари ман,
Ҳамҷавору ҳамзабону ҳамқалам,
Эй хоҳари хушпайкари ман.
Лек ҳоло дар куҷой
Ҳамраҳи шаҳбаччаат Меҳроби худ?

*августи 2003*

# ОҲ, МАЗОРИ ШАРИФ!

*Толибон дар Афғонистон коре карданд, ки онро дар қомуси башарият касе надида.На гург, на кафтор, на даррандаи дигар чунин ваҳшоният содир нахоҳад намуд: зиёда аз 30 ҳазор одамро дар Мазори Шариф қатл карданд. Аз кӯдаки тӯи гаҳвора то пири барҷомонда. Се деҳаро батамом аз байн бурданд, баъд аз оне, ки шикаст хӯрда, бозпас мерафтанд.*

***(Аз нақли шоираи афғонӣ Шафиқа Ёрақин, ки аз ҷабри толибон рӯ ба фирор оварда, алъон хориҷ аз майҳани худ заҳри ғурбат мечашад)***

Мазори Шариф, ай диёри шариф,
Чи хорат намуданд,
Зорат намуданд,
Яксар мазорат намуданд.

Дар оташ ту месӯхтиву
Ман аз ғам,
Чи миқдор кам гаштӣ,
Он қадр ман ҳам шудам кам.
Ту мотам гирифтиву
Он рӯзгорон
Ду чашми сарам буд
Ҳамвора пурнам.

Барои шаҳидони рӯзи сиёҳат
Ва мадфангаҳи булбули Шарқ – Зоҳир
Танам шуд валангор,
Дилам шуд мазоре –
Мазори пурозор.

*майи 2005*

## САРЗАМИНИ ГАНҶУ РАНҶ
*(Дардномаи бевазну беқофия)*

Афғонистон,
Эй қалби Осиё,
Эй сарзамини пур аз ганҷ,
В-аз ганҷат надида ҳеҷ,
Ҷуз ғам,
Ҷуз дард,
Ҷуз ранҷ.
Оре, ки таърихи ту пур аз даҳшату ҷанг аст,
Таърихи ҷоннисориҳо
Барои ҳифзи нанг аст.
Ҷанги тӯлонӣ,
Муқовимати зидди аҷнабиён,
Дар муқобили
Аввал муғул, пас турк, пас инглис,
Пас дигарон
Ва ниҳоят толибон.
Ва ғолиб омада ту охири охирон
Бо нерӯи рустамонаи
Қаҳрамони миллии Афғонистон,
Шери Панҷшер,
Шаҳиди роҳи озодӣ ва истиқлол
Аҳмадшоҳи Масъуд
Ва дигар родмардон.
Ва ҳамрайиву кӯмаки Амрикову Британиё
Ва иттиҳоди мамолики мубориз,
Ки шояд кӯмак аст, шояд дигар чиз!

Валек дар ҳар сурат ҳам
Пирӯзӣ муборак бод!
Эй кишвари ҷангзада,
Эй саросар харобиву хисорот,
Эй паланги захмии кӯҳистон,
Эй, ки натавониста нерӯе
То бишканад нерӯят,
Бо ҳама ҳамлаҳо сӯят
Ва бераҳмона харошидани рӯят.
Оре, пирӯзӣ муборак бод,
Эй қаринтарин ҳамсоя,
Эй кишвари пурганҷ,
Валек пурранҷ,
Эй паланги захмии кӯҳистон,
Афғонистон!

*апрели 2005*

## ШЕЪРГУНАИ МЕҲР

Эй Эрон!
Эй сарзамини бостон,
Эй вожаи нарм чун найсон
Ва навозишгари рӯҳи ман
Чун борон.
Ман як ошиқи туям,
Дилдодае аз пояи офтоб,
Аз саргаҳи Тоҷикистон.
Оҳ, чи сон дидан мехоҳам туро,
Аз дур не, аз наздик,
Бишнидан мехоҳам туро,
Аз дур не, аз наздик
Чун ҷонон!

Дидан мехоҳам Албурзро
Ва Загреси сар ба осмонро
Ва Дамованди баланд
Чун Шоҳи Тирандози Бадахшонро,
Ганҷҳои Шерозрову Нигористонро
Ва Осорхонаи Осори Бостонро,
Машҳаду Теҳрону Исфаҳонро
Ва мулки орзуҳоям -Хуросонро.
Эй орзуи ҷовидон, эй Эрон!
Эй пайванд ба ҷон,
То намирам пурормон,
Маро ба дидорат расон.

*феврали 2004*

## ДАР ОРОМГОҲИ СӮҲРОБИ СИПЕҲРӢ

*Ба суроғи ман агар меоед,*
*Нарму оҳиста биёед.*
*Мабодо, ки тарак бардорад*
*Чинии нозуки танҳоии ман.*
***(Катибаи мазори Сӯҳроби Сипеҳрӣ)***

Ба суроғи ту зи дур омадаам,
Нарму оҳиста,
Вале бо лаби пур аз афғон.
Бо дили пурисён.
Войи он марг,
Ки бурдаст туро
Бемаҳалу сабзу ҷавон.
Оҳ, Сӯҳроби Сипеҳр,
Оҳ, шаҳзодаи меҳр,
Оҳ, дилдодаи шеър,

Деҳи Кошони ту сарсабзу кӯҳистон
Чу Шуғнони ман аст.
З-ин сабаб шеъри хушат
Зодаи армони ман аст.
З-ин сабаб ҳарфи туро хонаму гӯям,
Ки бале, они ман аст,
Они ман аст!
Эй чаро зуд аз ин даҳр сафар бинмудӣ,
Ё дар он даҳр азизе ба раҳат маътал буд?
Бо гули навчида,
Ё гули хушкида…
Оҳ, рафтиву шудам ғарқ ба оби дида.

*сентябри 2004*

## ДИДОР БО СИМИН

*Хонандаи клосси саввуми дабистон будам, ки дар рӯзномае шеърҳои шоираи шигарфистеъдоди Эрон Симини Беҳбаҳониро бо акси зебояш дидам. Ҳама шеърҳояшро дар зеҳнам ҳифз кардаму як байташро дар пушти «Китоби хониш», ки ин буд:*

*Нилуфари шабнамзадаи соҳили рӯдам,*
*Кас ҷома напӯшид зи дебои кабудам.*

*Бо тамоми ҳиссиёти кӯдаконаам шефтаи шеъри Симин гардидам. Ба зери вожаи «нилуфар» хате кашидам. Ва дигар ҳама умр ҷӯёи нилуфари шабнамзада — Симини нозанини шеър будам. Ва ҳангоме, бо хости Худованди меҳрубон, нӯҳуми моҳи августи соли 2004 ба дидори нуронии Симин дар Эрон, дар ҳалқаи хонаводагиаш расидам, аллакай ҷигарбандам - Нилуфари зебоям хонандаи клосси саввуми дабистон буд. Он гоҳ ин ҳарфҳо барои Симин гуфтам:*

Маро аз Тоҷикистон
Ба Эрони бостон
Меҳри шеъри ту овард.
Ва дар бузургшаҳри Теҳрон
Туро ҷустам бо беқарориҳои зиёд
Ва одресатро ёфтам.
Оре, ёфтам ва шитофтам
Ба самти Бузургроҳи
Курдистони Ҷанубӣ,
Ба хиёбони Шайх Баҳоӣ,
Ба Бурҷи Саҳанд.
Ва беҷуръатона даст бурдам
Ба дастаи дарат,
Ба нияте, ки ақаллан
Дастаи даратро палмосида бошам,
Ки шояд рад гардам
Аз остонаи дарат.
Ки шояд …
Вале дар кушода шуд
Ваҳ … Худ ба рӯи ман кушудӣ дар.
Ба ларзиши дилу садову даст
Чи гуфтамат надонаму
Бигуфӣ: «Чашм! Чашм!»
Ва ман дигар …
Чӣ гӯямат ?! Чӣ гӯямат?!
Аз он замон дигар каси баорзурасидаам!

*августи 2004*

## ХАЁЛИ НОБ

Фурӯ равам, фаро равам,

Ба сар равам, ба по равам.
Ба самти н-ошно равам,
Равам, вале куҷо равам?!
Ту нестӣ дар он ҷаҳон,
Ба он ҷаҳон, ки ман равон.
Ту дар ҷаҳони дигарӣ,
Ҷаҳони пасти ноаён.

Вале хаёли бардурӯғ,
Барад маро сӯи фурӯғ,
Сӯи самои улвиён,
На сӯи дашти замбурӯғ.

Хаёл, ин хаёли ноб,
Аҷаб диҳад маро азоб.
Зи ҳеҷ чиз сохта
Барад сӯи сароби ноб.

Фурӯ равам, фаро равам,
Аҷаб хато – хато равам,
Пайи хаёли шоирӣ
Ба кишвари Худо равам.

*майи 2004*

## САНО БА ҲАМСАРАТ

Маро нишот додаӣ, нишот бин, нишот бин,
Маро субот додаӣ, субот бин, субот бин.
Ҳаёти ман зи буданат ҳамеша шоирона аст,
Ҳамешагӣ ҳаёт бин, ҳаёт бин, ҳаёт бин.

Ба сӯи ту талошҳо ба зарб мекунам, вале

Зи сардият талоши ман ба коми бод меравад.
Ҳазор нокасӣ кунӣ муқобили касии ман,
Ту боз ҳам ба ёдиву ҷаҳон зи ёд меравад.
Ту ҷолибӣ, ту ғолибӣ, ту соҳибӣ ба ҷозиба,
Ва бо ҷилову ҷазби худ маро ба хеш мекашӣ.
Ва бо ҳамин кашиданат, хабар нагашта, як замон
Маро зи байни шоирон ба хатти пеш мекашӣ.

Сано ба модарат раво, бузург аст, ӯ бузург,
Ки инчунин ба шавқҳо туро базеб офаридааст.
Санои рашкдори ман ба ҳамсари азизи ту,
Ки бо чи қудрате туро ба даст оваридааст?!

*майи 1998*

## МАН ИШҚ НАМЕХОҲАМ

Ман ишқ намехоҳам,
К-аз ишқ чӣ мебинӣ?
Ҷуз фурқату маҷнунӣ,
Ҷуз нокасиву дунӣ,
Ҷуз сӯзишу дилхунӣ
Ман ишқ намехоҳам.

Ман ишқ намехоҳам
К-аз ишқ ситам дидам.
Беҳуда чи ғам дидам,
Андӯҳу алам дидам,
Шодӣ ками кам дидам,
Ман ишқ намехоҳам.

Ман ишқ намехоҳам,
Чун оқибаташ хорист,

Дилсардиву беморист,
Шабҳо ҳама бедорист,
Аз ҷон ҳама безорист,
            Ман ишқ намехоҳам.
Ман ишқ намехоҳам,
Бе ишқ чи озодам,
Вораставу дилшодам,
Ҳайфи дами барбодам,
Чил соли пур аз ёдам.
            Ман ишқ намехоҳам!

*июни 2004*

## ХОБ Ё БЕДОРӢ

Ин хоб бошад ё хаёл,
Ё сурати амри маҳол.
Ё ин навори бардурӯғ,
Ё ин камоле ё завол?

Ман динаяк пайдо шудам,
Нинӣ будам, Раъно шудам?
Пур шуд ва ё не чиллаам,
Чил пилла ман боло шудам?

Эй соҳиби вақту фазо,
Эй хоҷаи хоку само,
Ку нақши дасту пои ман
Дар тайнамуда зинаҳо?

Не, ин шитоби ту абас,
Ин як намоиш асту бас.
Дастам раҳо кун аз камар,
Бошаст гардам бозпас.

Мон, мон, ки ман танҳо равам,

Сӯи нишебиҳо равам.
Аввал бароянд чиллаам,
Пас чил қадам боло равам!

*феврали 2005*

## ЁРИ ХАЁЛӢ

Эй рашк, дар муқобили ту сусту оҷизам,
Бо он, ки боиродаву зӯру мубориза м.
Ин аст ёрро зи ҳазорон нигорҳо
Бемузд посбону тавоно муҳофизам.

Охир чу ёри ман ба ҷаҳон нест ҳеҷ ёр,
Баргӯ кӣ беҳтар аст ба ҷуз ӯ дар ин диёр?
Шаҳри ман аст манзили чандин ҳазор мард,
Болост лек ёраки ман аз ҳаммин ҳазор.

Ҳаргиз магӯ, ки сахт муҳобот мекунам,
Не, не, биё, ки гуфтаам исбот мекунам.
Оҳе, валек ҳаст чу ёрам тасаввурӣ,
Чунат вуруди баҳри хаёлот мекунам?!

*майи 2004*

## КӮҲЗОДИ ЗӮР АЗ ШАҲРИЁН

Ай нуқтаи пурнури ман, равшантарини дури ман,
Ай боиси машҳуриям, савдову шеъру шӯри ман.
Ай кӯҳзоди паҳлавон, ай зӯртар аз шаҳриён,
Султони қалби бисмилам, эй дилситон, эй дилситон.
Пиндори нек астиву бас, ай орзуи барабас,
Ай баҳри ман пинҳон, вале бар аҳли олам дастрас.

То ҳозиру ҳам баъди ин, шоҳид фалак, шоҳид замин,
Будӣ ту ишқи аввалам, монӣ ту ишқи охирин.
Ё ин ҳама пурнурият бошад аз он мастурият,
Аз дурии ту зам шавад ин сон ҷилову зӯрият.
Ай дури ман, ай зӯри ман, хуршедии пурнури ман,
Аз дур мон, аз дур мон, ҳаргиз машав манзури ман!

*июни 1996*

## ГУЛИ ҒАМ

*(Ба дугонаам Н.)*

Туе, ки диданат равост, нозанин,
Гуливу чиданат навост, нозанин,
Даме шуниданат давост, нозанин,
Ҳаме шамиданат ҳавост, нозанин,
Чаро ба хона маҳрамӣ, чаро, чаро?

Маро ғами ту зери зер кардааст,
Ва аз замона сери сер кардааст,
Хамӯшиат маро чу шер кардааст,
Мубо给ризу ялу далер кардааст.
Чаро ба хона сархамӣ, чаро,чаро?

Нагуфтамат ҳаёт ҷовидона нест?
Пас он кирои ин рақам фасона нест,
Ҳаёт он бувад, ки бе тарона нест,
Зан оташ асту ҳеҷ безабона нест.
Чаро ба хона дарҳамӣ, чаро, чаро?

Хулоса кун азоби худ, сароби худ,

Бурун намо ҷавоби худ, итоби худ,
Фузун намо ҳисоби худ, савоби худ,
Намо қади базеб чун хитоби худ.
Чаро ба хона пурғамӣ, чаро, чаро?

Туе, ки диданат равост, нозанин,
Надиданат аҷаб ҷазост, нозанин,
Вазиданат пури ҳавост, нозанин,
Чамиданат хуши Худост, нозанин,
Чаро ба хона маҳкамӣ чаро, чаро?

*августи 2004*

## ҲАМСОЯИ ҚУЛЛАҲО

Аз кишвари Ориёям, эй дӯст,
Ҳамсояи қуллаҳоям, эй дӯст.

Ҳамсӯҳбати офтобу маҳтоб,
Як лӯъбатаки қазоям, эй дӯст.

Ворастатарин каси ҳаётам,
Вобастатарин раҳоям, эй дӯст.

Тарсанда зи сахт меҳр бастан,
Тарканда зи норавоям, эй дӯст.

Бишкуфта, вале намешавам во,
Бинҳуфта, валек воям, эй дӯст.

Пурҳуснтарин навор, аммо
Пурҳузнтарин навоям, эй дӯст.

Ҳамрешаи Рӯдакиву Румӣ,
Ҳамбешаи сад балоям, эй дӯст.

Аз аҳли риё чӣ ҳарф гӯям,
Аз аҳли риё фаноям, эй дӯст.

Ҳарчанд вале фаноям, эй дӯст,
Пояндаву бобақоям, эй дӯст!

*марти 2006*

## ҒАМНОМА

*Дар марги падари бузургворам*

Падар, аз марги ту қаддам дуто шуд,
Замину осмонам безиё шуд.

Дилат таркиду таркидам зи андӯҳ,
Дигар ин қолабам бемӯҳтаво шуд.

Хаёлам шаҳсутуни хона бишкаст,
Маконам дар дили вайронсаро шуд.

Ҳазорон шукри модар гӯям, аммо
Шикасти рафтанат ҳай бедаво шуд.

Наям тифлу вале аз рафтани ту,
Ба духти бепадар, донӣ, чиҳо шуд?

Ба дунё кӯҳпайкар мард будӣ,
Чу рафтӣ, кӯҳи ғам дар қалб ҷо шуд.

Кунун хобӣ ту дар домони Даштак,
Ва Даштак қиблаю меҳроби мо шуд.

Баёзи ғам нависам рӯи гӯрат,
Ғазал гуфтан бароям нораво шуд.

Маконат дар биҳишти сабз бодо,
Биҳишти умри ман, лекин, фано шуд.

*августи 2009*

## ҲАДИСИ БОМИ ҶАҲОН

Бишнав садои дури маро, ай диёри ман,
Боми Ҷаҳон, кишвари овозадори ман.

Ай ошёни сарбафарозам, баланд бош,
Бо фахри тоҷиконаи худ дилписанд бош.

Синни камол дориву таҷлили зодрӯз,
Бодо ҳамеша рӯзи ту ҳаррӯз шодрӯз.

Оё ба ёдат аст замони гузаштаат?
Ҳам қиссаи навиштаву ҳам нонавиштаат?

Он қиссаҳои талхи қадимии пуршикан,
Он саргузашти мардуми бечораҳоли ман.

Таърих гӯядам, ки аҷаб бенаво будӣ,
То инқилоби рус ба коми бало будӣ.

Маҳкуми ҷабр будиву маҳкуми шоми тор,
Дар зери бори зулми касон нотавону зор.

Дар қисмати ту буд фақириву қаҳтсол,
Ҷои камол дида ту ҳар лаҳзае завол.

Нони ҷават баробари ҷоне мақом дошт,
Онро вале дареғ на халқи тамом дошт.

Нон гуфта ҷон супурда басо тифлакони зор,
Нон гуфта ҷон супурда басо тифлакони хор.

Дар кулбаҳои танги фақирона он замон
Шукри сияҳчароғ ҳамекард мардумон.

Хатту савод мардуми одии мо надошт,
Омӯзгору мактабу донишсаро надошт.

Дар ҷоҳилӣ чи сахт буда ҳоли одамон,
Дар байни чор кӯҳи расида ба Каҳкашон.

Духтур зи бас набуд, чи бисёр марг буд,
Одам ба чанги боди аҷал мисли барг буд.

Пажмурда тан заифу харобу шитозада,
Афсурда ҷонҳо ба лаб аз ҷабр омада.

Сад гуна дард буду ҳазорон маризҳо,
Мардум зи марг лек наҷуста раҳи раҳо.

Аз фабрику завод ҳама бехабар буданд,
Ё ки хабар фақат ду ва ё се нафар буданд.

Оинаи ҷаҳоннамо як хоб буду бас,
Тайёраро ба хоби шабаш ҳам надид кас.

Худпар гилем орзуи момаам будаст,
Ин орзуи содаи ҳам бобаам будаст.

Роҳе ба сӯи олами паҳно надоштӣ,
З-ин рӯ хабар зи ҳастии дунё надоштӣ.

Будӣ макони тираи шахҳои тирахок,
Будӣ макони хираи яхҳои ҳавлнок.

Бечораҳол будиву бечорарӯзгор,
Эй сарзамини танги ман, эй мулки кӯҳсор.

Хуллас, ки тирарӯз музофот будаӣ,
Дур аз ҷаҳон ҷаҳони харобот будаӣ.

Рус омад он замон чу ба назди ту аз қазо,
Бо омадаш зи қайди балоҳо шудӣ раҳо.

Омӯзгору духтури худ оварида буд,
Ҷони ту аз балову аҷалҳо харида буд.
Мактаб пайи макотиби нав боз кард рус,
Дар ҳар маҳал сабақдиҳӣ оғоз кард рус.

Равшан чароғи барқ дигар хонаат намуд,
Равшан зи нур кӯчаву кошонаат намуд.

Беморхонаҳо ҳама ҷо боз шуд дигар,
Бемаргии ҳамешагӣ оғоз шуд дигар.

Даҳҳо бинои нав ба нав бунёд кард рус,
Яъне бинои бахти ман обод кард рус.

Сад корхона боз шуду ҷои кор шуд,
Мардум ба кор ҷалб шуду бахтёр шуд.

Оинаи ҷаҳоннамо дигар ҷаҳон намуд,
Тайёра сӯи кишвари ман боли худ кушуд.

Бо дасти дӯстон ту ба айёми Шӯравӣ,
Бишкуфтаву шудӣ дигар як кишвари қавӣ.

Халқи шарифи илмпарастам ба кор шуд,
Доништалаб будан ба бадахшӣ шиор шуд.

Боми Ҷаҳон шудиву шудӣ шӯҳраи ҷаҳон,
Зеби Ватан шудиву шудӣ фахри тоҷикон.

Аз Шӯравӣ чу ёд бимонду намонд асар,
Пас мустақил Ватан шуду дунё шуда дигар.

Роҳе ба сӯи олами беруна кофтӣ,
Бахтат баланд буду ту он роҳ ёфтӣ.

Пайваст гашт лонаи сангини бомиён
Бо бандари ҷаҳон сӯи шаҳпули ҷовидон.

Ин «Роҳи ваҳдат»-и ту қарин кард бо ҷаҳон,
Мулки биҳиштгунаи сарсабзи тоҷикон.
Эй модари азиз, Бадахшон, зиёд бош,
Бо Суғду Рашту хиттаи Хатлон ту шод бош.

Бар чашмаҳои мӯъҷизадори ту сад қасам,
Бо ҳеҷ мулки хуб қиёсат намекунам.

Бо меҳр шеъри санги сабури ту бишнавам,
Бо боли шеър сӯи ту ҳар лаҳза меравам.

Фардои ту базебу дурахшону нурбор,
Асри нав аст асри Бадахшони бовиқор!

*январи 2005*

## ХУДО ҲОФИЗ

Ман акнун меравам, ай ҷон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз,
Зи пеши ҷумла хушрӯён, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.

Зи бемеҳриву бефарқӣ, зи хомӯшиву бебаркӣ,
Зи пеши ҷамъи саргардон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.
Чи хуш буда ба ҳам будан, ба ҳам бодарду ғам будан,
Вале омад варо поён, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.
Гаронӣ мекунад бар ман аз ин одамсаро рафтан,
Сӯи танҳоиву ҳиҷрон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.
Ба мисли мурғи вораста, гаҳе шоду гаҳе хаста,
Парам то олами кайҳон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.
Вале дар чашмҳои худ туро ман мебарам, инак,
Ва ё дар қалби пурармон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.
Агар бо хеш ҳам монам, агар дарвеш ҳам монам,
Вале бо ёди як армон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз.
Худо хоҳад ба Наврӯзе ба ҳам оем як рӯзе,
Ба уммеди ҳамон даврон, Худо ҳофиз, Худо ҳофиз!

# МУНДАРИҶА

## ШАБИ ХУРШЕДӢ

Таманнои шоирона ....................................3
Чакомаи ваҳдат .......................................3
Ватан, Ватан!...........................................4
Ба ҳамзабон..............................................5
Тоҷикистон, Ватанам ..............................6
Поянда бимон! .........................................7
Нури ваҳдат .............................................7
Ту байъат кардаӣ......................................8
Гули нур ...................................................9
Насиҳати нав.............................................9
Модар ......................................................10
Эй субҳвуҷуди ман..................................10
Тоҷдоронем..............................................11
Ваҳдатнасабам ........................................12
Шиква.......................................................13
Эй зиндагӣ................................................13
Ҳадя..........................................................14
Ҳамнишини дар ниқоб ...........................14
Хеши ҷаҳонгирам ...................................15
Мусоҳиба бо офтоб ................................16

## ЗАНГИ БОРОН

Пир, муридат манам................................17

Нури ниҳон ............................................................ 18
Рақси самоъ............................................................ 18
Муаммо дорад ........................................................ 19
Бе ту фано шавам, фано .......................................... 20
Ғайр аз қамар магӯ ҳеҷ.......................................... 20
Саршор аз маъно .................................................... 21

## ГУЛИ ЗЕРИ БАРФ

Ба марди муҳоҷир................................................... 22
Бӯи барф меояд ....................................................... 22
Чу санг омадаӣ ........................................................ 23
Дар ҷавоби бародари ҳамҷавор .............................. 24
Бо офтоб меравӣ..................................................... 24
Муҳофизи ваҳдат.................................................... 25
Ту, эй устоз, эй модар............................................. 26
Ишқи нахуст ........................................................... 26
Хати сарҳад чӣ кунам............................................. 27
Бояд баҳор ояд........................................................ 27
Ба зодгоҳи бе мо салом .......................................... 28
Ба маҳалгарое ......................................................... 29
Аз ваҳдати мову ту ................................................. 29
Таронаи хонуми афғонӣ ........................................ 30
Ту ба ман чӣ кор дорӣ? .......................................... 31
Биё, зи рафта магӯ ................................................. 31
Ҳарфи ту ................................................................ 32
Туро хабар накунад................................................ 32
Хоҳиш..................................................................... 33
Эй то фалак ............................................................ 34

Эй ёр, ёртар шав ........................................ 34
Муборизи оҷиз........................................ 35
Виқор чи шуд ........................................ 36
Эй офтоби шарқӣ ........................................ 36
Маслиҳат нест ........................................ 37
Биё, сода шавем ........................................ 38
Офтоб, эй бародари абадӣ ........................................ 39

## МАВСИМИ МУҲАББАТ

Накҳати Наврӯз ........................................ 40
Санги зинда ........................................ 40
Гули сангӣ ........................................ 41
Сароро дидаӣ, аммо ........................................ 42
Раҳнаварди шаҳри раббонӣ ........................................ 43
Ориёӣ ........................................ 43
Ду офтоб ........................................ 44
Офтоби заминӣ ........................................ 45
Ту ёсаминӣ ........................................ 46
Нафаси ҳаётбахш ........................................ 46
Таронаи дидор ........................................ 47
Ба Панҷрӯд дуруд! ........................................ 48
Зи нав баҳор мерасад ........................................ 48
Ҳамнасаби хуршедем ........................................ 49
Дигар шеъре намегӯям ........................................ 50
Ба ҷавони раҳгузаре ........................................ 50
Ҳарчанд оташам ман ........................................ 51
Ту, эй хеши Ҳурмуз ........................................ 51
Туро, эй ҳамфарози ман ........................................ 52

Таманно ........................................ 53
Андешае пеш аз дидор ........................................ 53
Наё, асир мешавӣ ........................................ 54
Намедонӣ, намедонӣ ........................................ 55
Ишқи поки мактабӣ ........................................ 55
Лаҳҷаам фошам кунад ........................................ 57
Армоншиканон ........................................ 57
Танҳо ман одиям ........................................ 58
Ишқ доде зи Худост ........................................ 58
Офтоб, аз рухсатӣ баргард ........................................ 59
Нури Илоҳӣ ........................................ 60
Шаболуд омадӣ ........................................ 60
Савол ба ёр ........................................ 61
Ман омадам ........................................ 62

## ОФТОБИ ШАБ

Нидои Роғун ........................................ 63
Оҳуи мардумнадида ........................................ 64
Истиқболи субҳ ........................................ 64
Маҷлиси парандаҳо ........................................ 65
Эй шаҳр ........................................ 66
Рахти сафар ........................................ 67
Хостани абас ........................................ 68
То фитр наё ........................................ 69
То фасли хумор аст ........................................ 69
Ба кӣ гӯям? ........................................ 70
Биё, то наравам ........................................ 70
Беҳуда ........................................ 71

Таваккал ........ 71
Бе ту ........ 72
Ман аз ту зӯртарам ........ 72
Ҳадиси тақдир ........ 73
Замимаи хуршед ........ 73
Ҷавонии баъди пирӣ ........ 74
Пазмон ........ 75
Пушаймонӣ ........ 76
Фасли пирӣ ........ 76
Машав ту пир дигар ........ 77
Баҳори тозақиём ........ 78
На хайру на салом ........ 79
Эй субҳи фарорасида ........ 79

## СУКУТИ ПУРОВО

Шоҳроҳи ваҳдат ........ 80
Ояти ихлос ........ 81
Ранҷи шоир ........ 81
Мардиямро мебарӣ ........ 82
Ба мардоне, ки ҷоҳиланд ........ 83
Зӯртар аз бӯҳрон ........ 84
Ёри муҳоҷир ........ 84
Пирдухтар ........ 85
Бегона шудӣ ........ 86
Салом, пирӣ! ........ 87

## САНГИ САБУР

Нома ба Афғонистон........................................88
Оҳ, Мазори Шариф ........................................89
Сарзамини ганҷу ранҷ.......................................90
Шеъргунаи меҳр ............................................91
Дар оромгоҳи Сӯҳроби Сипеҳрӣ.....................92
Дидор бо Симин ............................................93
Хаёл, оҳ хаёли ноб .........................................94
Сано ба ҳамсарат ...........................................95
Ман ишқ намехоҳам .......................................96
Хоб ё бедорӣ ..................................................97
Ёри хаёлӣ........................................................98
Кӯҳзоди зӯр аз шаҳриён .................................98
Гули ғам ..........................................................99
Ҳамсояи қуллаҳо .........................................100
Ғамнома .........................................................101
Ҳадиси Боми Ҷаҳон.......................................102
Худо ҳофиз! ..................................................105

**Раънои Мубориз**

**МУСОҲИБИ ОФТОБ**
*(Маҷмӯаи ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа24.05.2010 супорида шуд.
Чопаш 31.05.2010 ба имзорасид. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 3,5. Андозаи 70х108 1/32. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17а

Дар матбааи ……………. чоп шудааст.
ш. Душанбе ва ғайра
www.ravshanfikr.tj